Н А Ш Р И Ё Т И « А Д И Б »



НУРИДДИНИ САДРИДДИН

# НАКҲАТИ ЁД

Душанбе
“Адиб”
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-35

Муҳаррир *Гурез Сафар*

С-35 **Нуриддини Садриддин. Накҳати ёд** *(маҷмӯаи шеърҳо).* – Душанбе, «Адиб», 2014, 128 саҳ.

Нуриддини Садриддин шоирест, ки бо табъи равон бештар ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ эҷод карда, аз некиву накӯкорӣ, муҳаббату вафодорӣ ва ихлосмандиву сипосгузорӣ андешаронӣ мекунад.

ISBN- 978-99947-2-412-3

© Нашриёти «Адиб», 2014.

# ШЕЪРҲО

## НАВҲАИ КАМОН

Ба сӯи ҳар қазорасида мекашӣ камон,
Камони беамони ту чунин кашад фиғон:
– Дареғи ман,
дареғи ту,
дареғи ҷон.
Қазои ӯ расидаву ду қотилем мо ба он.
Агарчиам фулзузи сахту сарди безабон,
Занам зи қалб навҳае ба авҷи осмон.
Шарора меҷаҳад зи ман аз оташи ғами ниҳон,
Фағона буд дар димоғ зи марги талхи одамон.
Вале ту соҳиби равон
надорӣ раҳм бар касон,
Куҷост гуй пас аз ин шарофати ту дар ҷаҳон.
Наларзад он ду дасти ту чу дасти марги беамон.
Бигирӣ синаро нишон
дар он, ки ҳаст қалбу ҷон.
Бубин Худои меҳрубон хуш офарида ҷисму ҷон,
Ту куштӣ ин,
ту куштӣ он,
гуноҳи туст ҷовидон.
Бадал ки гашт рӯзгор аз ин замон ба ҳар замон,
Ҳамеша нафратат кунад халоиқе ба ду ҷаҳон.
Мабод Нуридин дигар ба дасти ҳеҷ кас камон,
Ба ҷуз камони абрувони дилбарони меҳрубон.

* * *

Чапотӣ дар нафисӣ чун ҳарир аст,
Чӣ лаззатбахшу хубу беназир аст.
Агар бо хомшӯрбо ҷамъ ояд,
Хуроки ҳокиму шоҳу вазир аст.

Ба гирдӣ гирдача чун офтоб аст,
Ба ҳар гуна таоме ҷӯру боб аст.
Ба меъда заҳмате ҳаргиз наорад,
Аз ин рӯ хӯрданаш хеле савоб аст.

Фатирӣ лӯъбати пурмағзу дила,
Хушо бомаззае бе фанду ҳила.
Зиёи хӯрданаш ҷонро физояд,
Ба нармӣ дар даҳон астӣ чу фила.

Бинозам қоқфатири тиракиро,
Ки мушкил хӯрдани он пиракиро.
Агар он ғӯта ёбад дар қурутоб,
Физояд ақлу ҳушу зиракиро.

Азизон, хасфатир ҳам чун фатир аст,
Валекин мағзи он чарбую шир аст.
Биёрад иштиҳо бӯи хӯши ӯ,
Ба оби мурғ беҳад дилпазир аст.

Набуд ар рӯи кулча изи муғпар,
Чӣ зебо буд он аз рӯи духтар.
Ба ҳар ҷо тӯшаи раҳ беҳ аз он нест,
Бигир онро ба раҳ бо худ, бародар.

Сифоти нони таҳловӣ намоям,
Бароят розу асрораш кушоям.
Касе хурд он ба серӣ, паҳлавон гашт,
Аз ин рӯ ман ба таҳловӣ фидоям.

Шавам қурбони таҳмоли пур аз мағз,
Ки пухта мешавад бо мағзи чормағз.
Ба дегдон бастани он баски мушкил,
На ҳар кадбонуе онро пазад нағз.

Шавад қатмол дар рӯған шиновар,
Ба сӯрхӣ рӯи он хубу мунаввар.
Чакад чак–чак аз он пайваста равған,
Набошад неъмате бо он баробар.

Палогун дар қабат қаймоқ дорад,
Ба кас дар хӯрданаш завқе биёрад.
Дареғо, он басо камёбу камчин,
Варо танҳо арӯс чун тӯша орад.

Барад орзуқ зи дил зиқии одам,
Аҷаб бомаззае дар рӯи олам.
Насибам гар кунад ин неъмати нек,
Зи як лаълиии он рӯ бар натобам.

Ҳама ин неъмат аст аз орди гандум,
Бибахшад файзҳо дар хони мардум.
Таманно Нуридин кард аз Худованд,
Нагардад санъати кадбонувон гум.

## БОЗ ОМАД НАВБАҲОРОН

Чодараш аз тӯри борон,
Кокулонаш обшорон,
Зулфҳояш сабзазорон,
Сураташ рашки нигорон,
Муждае бар дӯстдорон,
Боз омад навбаҳорон.
Тоҷаш аз хуршеди заррин,
Гӯшвораш моҳу парвин,
Рӯи ӯ аз лола рангин,
Тозарою тозаоин,
Зиннате бар рӯзгорон,
Боз омад навбаҳорон.
Бо дурахши чашмаш аз барқ
Карда дар нур оламе ғарқ,
Бо тӯлӯе аз сари шарқ,
Бар ҳама тобида бефарқ,
Шӯълахезу шӯъларезон,
Боз омад навбаҳорон.
Дар садои рӯд розаш,
Ҳам насими шӯх нозаш,
Пеши ҳусни бениёзаш
Осмон ойинабозаш,
Чашмаҳоро карда ҳайрон,
Боз омад навбаҳорон.
Даф занад тундар ба ғул-ғул,
Шеърхон бо шавқ булбул,
Рақс дорад сарву сунбул,
Бӯи хуш бахшида ҳар гул,
Бо шамими мушкрезон
Боз омад навбаҳорон.

## БОРБАДИ СОНӢ

*Барои устод ЗАФАР НОЗИМ*

Суруди ошнои ту нидои дӯстдорон аст,
Навои нағмаҳои ту садои рӯзгорон аст.
Ту чун дарёи пуршӯрӣ,
ки дар ҳар қатраат дунёст,
Руҷуъу ибтидои ту шабеҳи чашмасорон аст.
Замини табъи мардум
хушк шуд дар хушксолиҳо,
Гирифта нам-наме аз файзи резат, резаборон аст.
Ту ҳар ҷо саҳна оройӣ, шавад гулрез чун Ҳоит,
Саропои вуҷудат нашъаи ишқи баҳорон аст.
Кушоданҳои болат дар фазои санъати миллат
Баландиҳои парвози уқоби кӯҳсорон аст.
Ту медониву мехонӣ санои фазли инсонӣ,
Каломи Саъдию Ҳофиз калиди илму ирфон аст.
Ба базми завқи султонӣ
ту ҳастӣ Борбади сонӣ,

Аз ин рӯ шуҳратат боло ба авҷу авҷи кайҳон аст.
Диҳад ҷо Нуридин васфи туро дар дафтари ашъор,
Баҳои ҳикмати мардони қимат бин, на арзон аст.

* * *

Ин хоктӯдаи роҳ
Аз пои судаи мост.
Гардаш барад ба худ бод,
Нақши набудаи мост.

Ин кӯҳи пур зи теппа
Бар гӯри мост монанд.
Истода пой бар ҷо,
Гӯё ба ғусса побанд.

Ин дашти пур зи лола
Сурхидааст чун хун.
Ҷуз хуни қалби мо нест
Аз хок гашта берун.

Ин осмони нилин
Сақфест пур зи дуда.
Ин дуди синаи мост
Раҳ бар фалак кушуда.

Ин шабнаме ки ҳар субҳ
Бар рӯи ҳар гиёҳ аст.
Аз дидаи тари мост,
Як ашки бепаноҳ аст.

Ин моҳи шомхӯрда
Бар осмон наояд,
Зангори пардаи шаб
Бар ҷони мо фарояд.

Ин рӯз ёфт поён,
Хуршед меғурубад.
Пириву марг моро
Дудаста дар бикӯбад.

Ин фитна дори дунё,
Моро зи мо рабояд.
Оинаи фиребаш
Моро дигар намояд.

Ин зиндагӣ хаёл аст,
Анҷоми он завол аст.
Аз Нуридин чӣ пурсӣ,
Ҳар дам гувоҳи ҳол аст.

## АХТАРИ БАХТ

Мо баланд аз фалаки ақл хирад доштаем,
Аз само ахтари бахте ба замин коштаем.
Дили мо махзану ганҷинаи пурмеҳри вафост,
Парчами якдилӣ то арш барафроштаем.

Гашта Исмоили Сомонӣ зи нав сарвари мо,
Шуда обод аз ин сарвари мо кишвари мо.

Оташи фазлу фазилат зи нав афрӯхтаем.
Ҳама гумкардаи худро зи нав андӯхтаем,
Тоҷики паҳну парешон шударо ҷаъмкунон,
Ҷомаи пораи ин қавм зи нав дӯхтаем.

Гашта Исмоили Сомонӣ зи нав сарвари мо,
Шуда обод аз ин сарвари мо кишвари мо.

Мо ки имрӯз ҳама шоду саодатёрем,
Ба сари қисмати худ ворису ҳам мухторем.
Нуридин замзамаи шукр зи ободӣ бикун,
Чун ҳама аз паи ободӣ Ватан меъморем.

Гашта Исмоили Сомонӣ зи нав сарвари мо,
Шуда обод аз ин сарвари мо кишвари мо.

## ШУКРИ ХОЛИҚ, ОДАМАМ

Гарчи ман бо тӯли умрам як дамам,
Як дамам, бо ишқу армон ҳамдамам.
Гоҳ шодон, гоҳ побанди ғамам,
Бо тамоми ҳастии бешу камам.

Шукри холиқ, шукри холиқ, одамам,
Беҳтарин мавҷуди аҳли оламам.

Гаҳ зи хуни қалб гулгун доманам,
Бӯи Юсуф гаҳ кунад пероҳанам.
Гаҳ тавонову чу як ворис манам,
Нотавон гаҳ дар замин, ҷон меканам.

Шукри холиқ, шукри холиқ, одамам,
Беҳтарин мавҷуди аҳли оламам.

Шердил гоҳе чу тӯфон медамам,
Гаҳ зи бими сояи худ мерамам.
Нуридин, дар масъиятҳо мулзамам,
Бо умеди раҳмати ҳақ зиндаам,

Шукри холиқ, шукри холиқ, одамам,
Беҳтарин мавҷуди аҳли оламам.

## ОШИҚИ ФАСЛИ БАҲОР

Дар баҳорон сабзазорон қолини сабзи мананд,
Рӯдҳои шӯхи кӯҳӣ хун дар набзи мананд.
Резу чоши кокулони поки ҳар як шаршара
Ҳамчу мӯи дилбарон гӯё ки дар қабзи мананд.

Беқарорам, беқарорам, беқарорам, беқарор,
Бо тамоми тору пӯдам ошиқи фасли баҳор.

Дар баҳорон бодҳо савти тарабноки мананд,
Раъдҳо ин хандаҳои сахту бебоки мананд.
Баъди ҳар борон, ки хезад бӯи хуш аз ҳар гиёҳ,
Бӯи ишқу орзуҳои фараҳноки мананд.

Беқарорам, беқарорам, беқарорам, беқарор,
Бо тамоми рангу бӯям ошиқи фасли баҳор.

Дар баҳорон абрҳо шаҳболи парвози мананд,
Чак–чаки боронҳо эҳёгари рози мананд.
Бо баландиҳои кайҳонбӯсу ҳусни беназир
Кӯҳсорон ҳайкали бахти сарафрози мананд.

Беқарорам, беқарорам, беқарорам, беқарор,
Бо сару бахти баландам ошиқи фасли баҳор.

Дар баҳорон лолазорон гулхани меҳри мананд,
Барқҳо барқи нигоҳи чашми пурсеҳри мананд.
Турнаҳо чун ҳарфҳоям пушти ҳам парвозиянд,
Ҳарфҳои дар қатор омодаи шеъри мананд.

Беқарорам, беқарорам, беқарорам, беқарор,
Бо хати ҳар сатри шеърам ошиқи фасли баҳор.

## АРӮС

Арӯси ҳусни наврӯзӣ,
Ба ҳуснат олам афрӯзӣ.
Ба сони чевари гулдаст
Заминро нақши нав дӯзӣ.

Арӯси фасли сол астӣ,
Ту фасли бемисол астӣ.
Ба булбул рӯ кушояд гул,
Ту айёми висол астӣ.

Арӯси нози давронӣ,
Ба кокулҳои боронӣ.
Чу марвориду марҷоне,
Дуру гавҳар бирезонӣ.

Арӯси қиссаву розӣ,
Ба розе боли парвозӣ.
Бимирам дар ту, эй наврӯз,
Пурафсуну пурэъҷозӣ.

## ВАТАН

Бӯи модар,
Бӯи хоҳар.
Бӯи додар, бӯи ҷон,

Бӯи аҳду
Бӯи сидқу
Бӯи меҳри ҷовидон,
Бар машом ояд зи хокат, эй Ватан,
Аз насими атрнокат, эй Ватан.

Бӯй кардам гарди роҳат,
Бӯй кардам ҳар гиёҳат.
Бӯй кардам бо ҳаловат
Ҳар насими субҳгоҳат.

Бӯи бовар,
Бӯи ёвар.
Бӯи бас мӯъҷизаовар,
Бар машом ояд зи хокат, эй Ватан,
Аз насими атрнокат, эй Ватан.

То ба дунё ҳастӣ, ҳастам,
Сархуш аз бӯи ту, мастам,
То машомам мешамад бӯ,
Бӯи покат мепарастам.

Бӯи ёдам,
Бӯи додам,
Бӯи дунёи муродам.
Бар машом ояд зи хокат, эй Ватан,
Аз насими атрнокат, эй Ватан.

## ТӮЙ МУБОРАК РАШТИ МАН

Як пораи хоки диёр,
Зебои доим чун баҳор.
Ҷорӣ бувад аз ҳар канор
Ширрӯдҳоят хушгувор.
Ту маъбадӣ аз кӯҳсор
Бар даргаҳи парвардигор.
Эй Рашти ман,
                эй Рашти ман,
Гулбоғи пургулгашти ман.

Ту хонаи хуршеду моҳ,
Бар каҳкашонҳо бурда роҳ.
Бо манзари олампаноҳ,
Афсонаи шому сабоҳ.
Долу дарахту ҳар гиёҳ
Бар ҳусни зебоят гувоҳ,
Эй Рашти ман,
                эй Рашти ман,
Гулбоғи пургулгашти ман.

Эй хоку мулки ёдгор,
Дорем бо ту ифтихор.
Илму амал карда шиор,
Дар арсаҳои рӯзгор,
Фарзандҳоят номдор,
Дорӣ мақому эътибор
Дар ин замини беканор.

Эй Рашти ман,
                эй Рашти ман,
Гулбоғи пургулгашти ман.

Ту махзани анвори нур,
Аз нури ту файзу сурур,
Ғамҳои моро карда дур.
Имрӯз дори тӯю сур.
Аз меҳри покат дар шуур,
Бар Нуридин бахшӣ ғурур.
Эй Рашти ман,
эй Рашти ман,
Гулбоғи пургулгашти ман.

## ГУНОҲИ ЗИНДАГӢ АЗ СИРАТИ МОСТ

Зуҳури чеҳраи мо аз дили мост,
Ба ҳар шакле, ки онро дил нигорад.
Чуноне ҳарфи мо хуб аст ё бад,
Ҳамон аст, он чи дил бар лаб биёрад.

Руҷӯи бахти мо дар бозуи мост,
Ки ёбад ибтидо аз меҳнати пок.
Каси аз неъмати ин нукта ғофил
Зи дунё бигзарад бо синаи чок.

Тулӯи ишқи мо аз дидаи мост,
Дамад хуршедвор аз рӯи ёре.
Вагарна чашми нобино чӣ донад,
Ҷаҳон ғарқи хазонӣ ё баҳоре.

Гуноҳи зиндагӣ дар сирати мост,
Ба ҳар шакле, ки он сурат бигирад.
Бимонад некҳо дар ёдҳо нек,
Каси бад бо бадиҳо бад бимирад.

## БАЪДИ МАН

Баъди ман ҳам зиндагӣ ёбад давом
Дар канори рӯҳафзои замин.
Баъди ман ҳам ахтарон чашмак зананд
Аз ҳарими осмони нозанин…

Баъди ман ҳам боз меояд баҳор,
Сабзаву себаргаву гул дар канор.
Мезанад бо дасти армон ошиқе
Сурхгулро дар буни зулфи нигор.

Баъди ман ҳам медамад рангинкамон
Дар ҳарири пардаи борону нур.
Баъди ман ҳам пушти ҳам бо сад қатор
Турнаҳо оянд боз аз роҳи дур.

Баъди ман ҳам қуллаҳои бовиқор
Сӯи гардун сарфарозӣ мекунанд.
Кӯдакон дар кӯчаҳои деҳи ман
Бо фароғат хокбозӣ мекунанд.

Баъди ман ҳам одаме бо қалби доғ
Ҷаҳд созад баҳри ободи Ватан.
То гузорад нақше аз худ ёдгор,
То бимонад зинда дар ёди Ватан.

Баъди ман аз ман чӣ мемонад, бигӯ,
Нақше дар дунёи зебо қисматам.
Номи нек андар забону ёди халқ,
Ё ки дар кунҷе фаромуш турбатам.

## АРВОҲИ МОДАРАМ БУД

Аз як диёри бас дур
Дар як сафинаи нур,
Гӯё нишаста чун ҳур,
Хушрӯву поку масрур.
Бар мулки ёдам омад,
Бар ҷони ман фаромад.
Ин ёди модарам буд,
Имдоди модарам буд.

Чун шаҳд дода овоз,
Бо як садои гулноз.
Бо лаҳнаки пурэъҷоз
Гӯшам бидода пардоз.
Розу ниёзам омад,
Сад сӯзу созам омад.
Ин рози модарам буд,
Овози модарам буд.

Аз осмони меҳрам,
Аз авҷи нӯҳсипеҳрам.
Маҳтоби шуълачеҳрам
Гӯё ки карда сеҳрам,
Бар чашм нурам омад,
Нури ҳузурам омад.
Ин нури модарам буд.
Хуршеди ховарам буд.

Ин лаҳза бас шитобон
Рафт Нуридин ба поён,
Аз шоми талхи ҳиҷрон
Сад ғусса шуд намоён.
Ҳоли табоҳам омад,
Аз сина оҳам омад.
Ин оҳи модарам буд,
Арвоҳи модарам буд.

## МЕКАШАМ НАМ

Ҳамчу як девори намкаш,
Мекашам нам,
Мекашам нам,
Аз нами ғамҳои олам,
Аз нами ғамҳои одам.
Аз нами ғам гашта ҷонам
Чашмаи пуроби Зам-зам.

Ҳар куҷое абри ғурбат
Баҳри инсон соя дорад.
Бар сари ғампарвари ман
Ғуссаборонаш биборад.

Ҳар куҷое ашки ҳасрат
То зи ҳар чашма равон аст,
Дар раҳи селобаи ӯ
Ғарқ манро ормон аст.

Ҳар куҷо аз синае талх
Оҳи дардолуда хезад,
Дар сарои синаи ман
Дарду сӯзи дуда резад.

Ҳар куҷое қомате чанг
Аз наҳифи бемадор аст,
Раъшаи ӯ дар тани ман
Дардовар неши хор аст.

Ҳар куҷо бошад ятиме
Дар ҳавову ёди модар,
Хешро бинам бари ӯ
Мубталову хокбарсар.

Ҳар кучҷое мушти золим
Мезанад бар фарқи мазлум,
Дар раҳи осудагӣ ман
Мезанам аз зарба раҳгум.

Ҳар кучҷое ҳақ бигиряд,
Ман бигирям дар бари ӯ.
Ҳар кучҷое ҳақ бимирад,
Ман бимирам пештар з-ӯ.

Бо ғами олам дугоник
Зодиям, эй модари чҷон.
То даме ғам дар чҷаҳон аст,
Дарди манро нест дармон.

## ХАНДАИ ЗЕБОИ ДИЛБАР

Ханда дар дил,
Ханда дар чашм,
Ханда дар лабҳои ту.

Ханда дар ҳис,
Ханда дар шавқ,
Ханда дар табҳои ту.

Ҳамчу нури ширамаҳтоб
Ту саропо хандарезӣ.
Ҳамчу гулбоғи шукуфон
Ту саропо хандахезӣ.

Ҳаст ҳарчи зеби дунё.
Хандаат зебо аз он аст.
Дар хаёлам мезанад ранг,
Хандаат рангинкамон аст.

Шавқафзоеву ҷонбахш
Дар тароват хандаи ту.
Ҳуснполои ҷамол аст
Хандаи зебандаи ту.

Хоҳам аз лабҳои хандон
Бӯсае хандон бигирам,
Ормон бар дил намонад,
Баъд аз он хандон бимирам.

*26.05.1978*

## МАНЗАРИ СУБҲ

Аз шуои сурхи хунинранги хуршед
Медамад дар пайкари субҳ
Ҷоне аз нур.
Нур аз қаъри шафақҳои булур,
Ҳамчу лабханди сурур.

Аз ниҳоди чатри хушэъмори нилин
Метаровад ҳусни зарҳалвори заррин.
Аз навозишҳои боди тозаоин
Ҳар дарахте мекашад ҳамёза ширин.

Ҳамчу ҳавре аз нафасҳои таболуд,
Хезад аз хоки сияҳ меғи зарандуд.
Ҳам занад чандин ҷило оинаи рӯд,
Ғарқ гашта дар фурӯғи равшании ҳар вуҷуд.

Хушк гардад шабнами ашки шабонгаҳ,
Дар сари мижгонҳои сабзи ҳар барги сияҳ.
Соғари эҳсос лабрез аз майи файзи фараҳ,
Чашмҳо мастона рақсанд ҳар тараф масти нигаҳ.

Аз куҷое,
Дар фазои сокити беинтиҳо,
Болу пар бикшода аз бонги нидо,
Мепарад мурғи садо.
Мешавад дар зиндагӣ оғоз як рӯзи Худо,
Ай Худо, бар муъҷизоти рӯзи ту ҷонам фидо.

*18.05. 1988*

# ҚАДРИ ҲАМДИГАР БИДОНЕМ

Дӯстӣ як ҳисси беолоиш аст
Дар фурӯғи раҳму шафқатҳои инсон.
Ёфта таҳким
　　　　аз меҳру вафову қавлу
　　　　　　　　ҳам аз хайру эҳсон.
Аз садоқат, аз рафоқат карда маъво
Дар замиру мазраҳои мулки имон.

Ӯ гирифта аз муҳаббатҳои модар ибтидо,
Нест ӯро интиҳо.
То чаҳон ҳаст,
То замину осмон ҳаст,
То даме, ки ақли солим
　　　　　　дар ниҳоди одамон ҳаст,
Ӯ чу як тори пурафсун
Мекунад пайванд моро,
Дар мадори зиндагонӣ
Бо як ихлоси гуворо,
　　　　　　то кунем бо ҳам мадоро.
То дар ин дунёи раҳгум,
Ки ҳама пайроҳаҳояш мебарад бар сӯи мавҳум,
Бо сари пурваҳму пурбим,
Яккаву танҳо намонем.
То ба умри кӯтаҳи хеш
Қадри ҳамдигар бидонем.

Ҳар ки ҳастем,
　　　　ҳар чи ҳастем,
Соликони як раҳем,
Сӯи як мақсад равонем.

Алҳазар аз киначӯе,
Дӯстиро хор созад.
Аз ҳамон ёрони ҷонӣ
Баҳри мо ағёр созад.
Бо ғараз аз хишти фитна
Байни мо девор созад.

Зиндагӣ кардаст исбот,
Дар руҷӯи рафтаҳояш,
Хосса имрӯз,
Дар баландиҳои авҷу мунтаҳояш,
Ки ҳаёти хубу зебо
Метавон бо дӯстон сохт.
Варна ҳар чи ҳаст, осон
Метавон бе дӯстон бохт.

Аз ҳама расму таомул
Дӯстӣ оини волост.
Баҳри инсон, эй азизон,
Раҳмате аз Ҳақтаолост.

*Соли 1990*

## ДУХТАРИ ГУЛДӮЗ

Риштаи ҷонам пулушки меҳри туст,
Дӯз бо он чоки ҳар армони ман.
Сӯзании бахти манро чеварӣ,
Кук зан, кук ин замон бар ҷони ман.

Косагулҳое аҷаб рангинкамон
Дар матои бахти испедам бидӯз.
Гирдаву шерозаи тоқии бахт
Нусхае ҳамранги хуршедам бидӯз.

Ман намонам гард гирад ҳеҷ гоҳ
Он гули ислими гирди доманат.
То бимонад ишқи мо дар рангу бӯ,
Ҷовидон ҳамчун чакан пероҳанат.

*Соли 1988*

## БИПАРҲЕЗ АЗ ҒАЗАБМАНДӢ

Ғазаб вулқони ҷаҳлу ҷоҳилияст,
Ҳаметаркад гаҳе аз қаъри инсон.
Тамоми зиннати зебои ӯро
Ҳамесозад ба хоки тира яксон.

Ғазаб ангезаи ҷангу ҷидол аст,
Ба бор орандаи ашку малол аст.
Даме осудаю ором зистан
Ба марди пурғазаб амри маҳол аст.

Кунад ӯ шахсро мушту гиребон,
Ғазаб халлоқи шаллоқофарин аст.
Кунад сад хонаи обод вайрон,
Ғазаб халлоқи таллоқофарин аст.

Ба ҳар чашме ғазаб оташ фурӯзад,
Саропо ақли солимро бисӯзад.
Ба сад тифли ҳавас дар як нафас ӯ
Кафан бо риштаи мотам бидӯзад.

Бипарҳез аз ғазаб зинҳор, эй дӯст,
Басо кулфат зи шӯру фитнаи ӯст.
Фурӯ биншонӣ ар дар дил ғазабро,
Тамоми зиндагият хубу некӯст.

*27.09.1988*

## ИШҚ

Эй басо зӯрон ба пеши ишқ зорӣ кардаанд,
Носабурон бо тааммул интизорӣ кардаанд.
Эй басо мардон барояш ҷони ширин додаанд,
Аз қабули ҷони худ миннатгузорӣ кардаанд.

Эй басо накди ҳақиқатҳо аз ӯ афсона шуд,
Мисли Маҷнун беҳисоб аз дасти ӯ девона шуд.
Эй басо аз файзи ӯ вайронаҳо обод гашт,
Эй басо ободие аз дасти ӯ вайрона шуд.

Эй басо дилҳои саркашро ба ҳам пайванд кард,
Дилбарони оҳуавзоро мутеъу банд кард.
Ҳар киро ки кулфату озори ҳиҷронаш расид,
Охир аз ганҷи висоли худ саодатманд кард.

*28.04.1988*

## ЗАНИ НООСУДАИ ДЕҲ

Ҳамчу чашми ғуссае во мешавад
Пилки чашми рӯзи ту ҳар субҳдам.
Дар фазои деҳа боло мешавад
Бо алови пушки молат дуди ғам.

Ҳамчу ранги кандаи камхуни ту
Рӯзи беранги ту гирад ибтидо.
Байни ту ҳам олами осудагӣ
Карда девори самобӯсе ҷудо.

Дар ҷаҳими пухтани як кулча нон
Сӯхт мӯю рӯю ҳам абрӯи ту.
Аз машоми зиндагонӣ рафтааст
Ҳамчу зан бӯи хуши дилҷӯи ту.

Аз азал ҳусни ту буд оинабоз,
Рафт лек ин оинат аз ёдҳо.
Зулфи ту бар шонаи машшота буд,
Монд ин дам он ба мушти бодҳо.

Риштаи ҷон дар пулушки сӯзанат,
Мекунӣ дарбеҳ чоки рӯзгор.
Нохуни нобудиҳои зиндагӣ
Карда чоки рӯзгорат бешумор.

Ҳикмати инсон агар дар даври ту
Болафшон то ба кайҳон рафтааст,
Лек нақди умри бесомони ту
Сарнагун бар хок яксон рафтааст.

*18.07.1990*

## АШКАМ БИДЕҲ, БИГИРЯМ

Бар гумраҳии роҳам,
Бар ҷурму бар гуноҳам.
Бар ҳолаки табоҳам,
Бар ҷони бепаноҳам,
Ашкам бидеҳ, бигирям.

Умрам гузашт ботил,
Поям бимонда дар гил,
Ҷаҳдам бигашта зоил,
Киштам набаста ҳосил,
Ашкам бидеҳ, бигирям.

Гашта хазон баҳорам,
Ку мавҷи лолазорам?!
Кам гашта эътиборам,
Наздик бар мазорам,
Ашкам бидеҳ, бигирям.

Кай монд аз ҷавонӣ
Бар ман яке нишоне?!
Дар ин ҷаҳони фонӣ
Афсона зиндагонӣ,
Ашкам бидеҳ, бигирям.

Паймонаам шикаста,
Ҳам шонаам шикаста.
Рӯҳам ҳазину хаста,
Ҷонам ба ғам нишаста,
Ашкам бидеҳ, бигирям.

Бо чашми хирабинам
Худ пеши по набинам,
Танҳову зор шинам,
Ку ёру ҳамнишинам?!
Ашкам бидеҳ, бигирям.

Кардам туро ҳикоят,
Ин ҳол чун шикоят,
Бахшо, Худо, иноят
Бар ҳоли бандаҳоят,
Ашкам бидеҳ, бигирям.

*5.04 2001*

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Эй нигоро, дар вафоят ман нававар будаам,
Як вуҷуде, ки саропо бар ту ёвар будаам.
Сӯхтам аз тобу таб ҳарчанд аз савдои ту,
Кам нагардад гармиям, хуршеди ховар будаам.
Баҳри пуртӯфони ҳаҷрат аз сари ҷонам гузашт,
Зиндаам то ҳол, аҷаб марди шиновар будаам.
Лашкари ҷабри ту гарчи қалъаи рӯҳам гирифт,
Бандии ин ғам нагаштам, ҳай диловар будаам.
Ман ҳасад ҳаргиз нахоҳам хӯрд бар Маҷнун, бидон,
Гар набошам беш аз ӯ, бо ӯ баробар будаам.
Гарчи ҷои ваъдаҳои қанди ту фандам расид,
Бо камоли содаҷонӣ кони бовар будаам.
Нуридинро ашкрезу ханда бар лаб ёд кун,
Бо тамоми ғуссаи худ шодиовар будаам.

*Соли 1988*

* * *

Хушбӯии гулҳо не, ман хори ту мехоҳам,
Не лутфи дигар ёре, озори ту мехоҳам.
Қалбам накашад рӯе, марғулаи гесӯе,
Дар ҳар назари чашмам дидори ту мехоҳам.
Дар олами андеша ёди ту маро пеша,
Умре ба хаёли ту пиндори ту мехоҳам.
Дунё бишавад вайрон, аз ин нашавам ҳайрон,
Дар мазраи ишқ обод эъмори ту мехоҳам.
Ҳар кас сару савдое, бозори пуранвое,
Ман бо дили ҷон умре бозори ту мехоҳам.
Гар зиндагиям сад раҳ аз нав бишавад матраҳ,
Ман дар ҳама бори ӯ такрори ту мехоҳам.
Ин Нуридини сода бар меҳри ту дил дода,
Дар кӯи ту афтода, асрори ту мехоҳам.

* * *

Ашки ман дар пардаи чашми тарам ях бастааст,
Дасти иқболам, нигар, пушти дарам ях бастааст.

Ё ки тобистони ишқи мо зимистон шуд магар,
Ҳарфи гарме дар лабони дилбарам ях бастааст.

Аҳди моро зад хунук чун нахли сармохӯрдае,
Дар сари паймона май дар соғарам ях бастааст.

Як шамоли барфолуде вазад аз кӯи ёр,
Хуни гармам дар мадори пайкарам ях бастааст.

Нуридин, рӯзе ба гармӣ мерасӣ, нолиш макун,
Ин хато, хуршеди болои сарам ях бастааст.

*03.01.2005*

* * *

Зи ҷабри дилбари номеҳрубон бар шоҳи
хубон шиква хоҳам бурд,
Зи шоми тори ҳиҷрон бар дари хуршеди
тобон шиква хоҳам бурд.

Агар дар шохае як ғунчаи нашкуфтае
пажмурда мегардад,
Зи бедоди хазони беамон пеши баҳорон
шиква хоҳам бурд.

Агар дар синае қалбе тапад бе дарду
доғи ишқи маҳрӯе,
Зи доғи мурдақалбон пеши меҳри гарму
сӯзон шиква хоҳам бурд.

Агар аз пардаи исмат бурун гардад
хаёи як зане дар даҳр,
Ман аз шарми зани ӯрён ба пеши
пардадорон шиква хоҳам бурд.

Агар як марди беҳикмат кунад рӯзе
барои ҳимматаш миннат,
Зи ӯ бар кадхудоёне, ки доранд хайру эҳсон,
шиква хоҳам бурд.

Агар як заъфимоне кунад бо дини
беолоишаш бозӣ,
Зи куфри ҳар мусалмоне, азизон, пеши «Қуръон»
шиква хоҳам бурд.

Агар аз шиквахои Нуридин ханданд
бедардона бедардон,
Ба пеши дарди бедармон мани гирёну нолон
шиква хоҳам бурд.

*01.11.2005*

* * *

Намедонам, ғами дилро бигӯям,
Фанои умри зоилро бигӯям.

Биё, ин ҳар дуро як сӯ гузорем,
Бароят панди оқилро бигӯям.

Ба дунё зиндагонӣ сахт мушкил,
Раҳи осони мушкилро бигӯям.

Сари ҳар як қадам поем дар гил,
Раҳои пой аз гилро бигӯям.

Бақои умри мост ашки ҳамоил,
Нигаҳдори ҳамоилро бигӯям.

Дареғ аз мазраи бекишту ҳосил,
Ғанои кишту ҳосилро бигӯям.

Бихоҳам з-ин ҳама роҳи раҳоӣ,
Худои поку одилро бигӯям.

Занӣ санги маломат Нуридинро,
Чу фарқи ҳаққу ботилро бигӯям.

*03.12.2005*

* * *

Абри ҷабри ту гирифта осмонҳои дилам,
Мечакад борони ёди ту ба саҳрои дилам.

Ман зи сардиҳои меҳрат сахт сармо хурдаам,
Чун ятими кӯчамонда тар саропои дилам.

Бе ту ин боми фалак ҳам бар сари ман соя нест.
Монд дил бе сарпаноҳи лутфи ту, вои дилам.

Рафт дил бебозгашту ӯ намеояд дигар,
Дар канори синаам холӣ бувад ҷои дилам.

Рӯзу шаб фарқе надорад пеши ман асло дигар,
Кӯр гашта бе ҷамолат чашми бинои дилам.

Шавқу завқу шодӣ кайҳо шуд фаромӯшам дигар,
Чун мазори ғуссаборе мурда авзои дилам.

Одамиро як дилу як меҳру як дилбар будаст,
Ҳар қадар ҷӯям, наёбам ман тасаллои дилам.

Гар ба хоки Нуридин бигзаштӣ баъди солҳо,
Бишнавӣ сӯзи ҷудоие зи овои дилам.

*20.12.2004*

* * *

Неъмате аз кибриё бошад Ватан,
Манбаи нуру зиё бошад Ватан.

Дар ҳама ночӯриҳои зиндагӣ
Бар ҳама дарде даво бошад Ватан.

Фарқ не бемор ҷисмат ё ки рӯҳ,
Марҳами ҳар муддао бошад Ватан.

Бемадориҳои дилро мебарад,
Қалбро қувватфизо бошад Ватан.

Чашмҳои хирабин равшан кунад,
Хоки покат тӯтиё бошад, Ватан.

Хотири бишкастаро созад сиҳат,
Афзал аз сад мӯмиё бошад Ватан.

Ӯ ба дарди бевафоиҳо давост,
Ишқи берӯю риё бошад Ватан.

Ваҳши танҳоӣ барад аз рӯҳи кас,
Рафъи ин дард аз Худо бошад Ватан.

Нуридин, дар хоки ӯ гардӣ ту хок,
Ҷовидон моро бақо бошад Ватан.

*27.07.2005*

* * *

Эй шеъри тар, эй шеъри тар, аз ҷони тарам хез,
Аз манзари ду дидаи зебоназарам хез!

Аз хуни тарам ранг бизан сурх чу лола,
Аз қаъри дилу мағзи вуҷуду ҷигарам хез!

Эй шеъри тар, аз меҳри тари модари ҷонам,
Аз лутфи хуши хоҳари вологуҳарам хез!

Чун нам-нами борони баҳорӣ ба сарам рез,
Чун нури таҷалло зи сари бому дарам хез!

Дар сайри фалакҳои пурасрори муҳаббат
Деҳ вусъати парвозу ту аз болу парам хез!

Дар дори ҷаҳон ғофилаки раҳгузарам ман,
Чун ҳазрати Хизре, ки шавӣ роҳбарам, хез!

Дар мулки сухандону сухангӯю сухансанҷ
Уммеди ман ин аст, ки чун тоҷи сарам хез!

Баъди сари Нуридин аз он лавҳи мазорам
Аз номи мани гумшуда чун номварам хез!

*07.11.2002*

* * *

Муҳраи меҳри ту канд, аз риштаи ҷон рехт, рафт,
Ашки ҳасрат аз ду чашмам ҳамчу марҷон рехт,рафт.

Эй дареғ, оинаи оини бахти мо шикаст,
Акси мо аз сайқали он рез-резон рехт, рафт.

Мо зи хони васл нобурда лаби нон бар даҳон,
Аз даҳони мо тамоми дурри дандон рехт, рафт.

Рӯзи моро карда шоми тираи мотамсаро,
Дар шаби мо дарду доғ аз гарди ҳиҷрон рехт, рафт.

Олами ороми мо бишкаст ҳамчун гирдбод,
Бар сари мо беамон сад шӯру тӯфон рехт, рафт.

Кай дигар махмур бошем аз шароби ишқи хуш,
Чун шароби шавқи мо аз ҷоми паймон рехт, рафт.

Чист пирӣ, Нуридин, бо ӯ ба айёми шубоб?
Дар баҳори мо хазони чархи гардон рехт, рафт.

*24.01.2003*

* * *

Шуълаи ишқи ту чун ҳезуми тар сӯхт, намурд,
Шамъи ёдат ба сарам шому саҳар сӯхт, намурд.

Зада барқи нигаҳат хирмани ҷонам оташ,
Ҷон дар ин оташи пуршӯру шарар сӯхт, намурд.

Аввалин оташи ишқ аз дили мо сар зада буд,
Ин дили сӯхта сад бори дигар сӯхт, намурд.

Ҳар кучо сар занад оташ, ту ба хокаш бикушӣ,
Оташи сина бубин, хок ба сар сӯхт, намурд.

Бикашам оҳ агар, бӯи ҷигар меояд,
Чун кабобе шуда ҳар лахти ҷигар сӯхт, намурд.

Имтиҳон аст гузаштан зи дами нори ҳаёт,
Чун Сиёвуш, к-аз он карда гузар сӯхт, намурд.

Гулхани шуълазани кӯйи ту шуд Нуриддин,
Ҳамчу он лолае дар кӯҳу камар сӯхт, намурд.

*08.02.2004*

* * *

Дар шоми дилогоҳӣ, эй ёр, ту чун моҳӣ,
Мирам нафасе бе ту, ту обиву ман моҳӣ.

Он чеҳраи ту, эй ҳур, чун шираву шири нур,
Дар субҳи назархоҳӣ хуршеди саҳаргоҳӣ.

Ҷононӣ, ки ҷон ҷон аст, гардун ҳама гардон аст,
Дар мулки ҳамахоҳӣ, барҳақ ту шаҳаншоҳӣ.

Ҳастии ҷаҳон дард аст, ҳосил зи ҷаҳон марг аст,
Лутфе ту нафармоӣ, ман монаму гумроҳӣ.

Нуриддини мо зорат, побанду гирифторат,
Таскину давояш шав, ту аз ҳама огоҳӣ.

*08.02.2004*

* * *

Ба сад қибла ба як сар дар намозӣ,
Ба як дил ошиқи сад дилнавозӣ.
Ба як рӯ сесаду шаш чеҳра дорӣ,
Ба як дам нақши сад шайтон бибозӣ.
Тамоми ростии зиндагиро
Ба он каҷқолаби худ каҷ гудозӣ.
Фиребад чашмҳоят якдигарро,
Ҷаҳонро сӯзӣ ту бозӣ ба бозӣ.
Расӣ бар мақсади нопокат осон,
Надорад раҳ ба ту шебу фарозӣ.
Ба пешони-т муҳре мениҳодам,
Агар мебуд моро ҳукми қозӣ.
Ки то бишносадат ҳар кас ба хубӣ,
Зи кори Нуридин гардида розӣ.

*10.02.2003*

* * *

Гулниҳодам, гул даруни синаам гул кардааст,
Боғи гул дар олами бекинаам гул кардааст.
Дилбари гулчеҳра медонӣ, ки ман гулпарварам?
Рӯи гулбаргат ба пеши дидаам гул кардааст.
Ту хазонҳои маро кардӣ бадал бо навбаҳор,
Ғунчаи пажмурдаи поринаам гул кардааст.
Он қадар бишкуфтарӯям ман аз ин гулрӯиҳо,
Аз гулафзоии рӯ оинаам гул кардааст.
Гул ба чашму гул ба дил, гул дар кафу ғарқи гулам,
Аз гули гул гулшаби сабзинаам гул кардааст.
Нуридин, аз ҳастии дунё фақат гул хостам,
Аз гулу гулхоҳиям ганҷинаам гул кардааст.

* * *

Чӣ колое ман аз олам харидам,
Ки шодӣ додаву мотам харидам.
Фиребидам далоли зиндагонӣ,
Бидодам бешҳову кам харидам.
Басо арзон ҷавонӣ дода аз даст,
Ба ҷояш пири қоматхам харидам.
Куҷо он хандаҳои беғуборам,
Ду чашми ғарқи ашку нам харидам.
Зи ёрони фидоӣ ноз кардам,
Куҷо буд ёри ноодам, харидам.
Бубин бозориҳои Нуридинро,
Фанову маҳву анҷомам харидам.

*15.03.2004*

* * *

Саре, ки саҷда бар ҳар ду сарои Ҳақ назад, сар нест,
Даре зулфайни ӯро дӯст бо бовар назад, дар нест.
Диле, ки бо диле моил нашуд, онро нахонам дил,
Нигоре дил надоду дил набурд аз ёр, дилбар нест.
Агарчи мезанад пар боли мурғи хонагӣ дар чашм,
Чунин болу пар ӯро дар хати парвоз ёвар нест.
«Гузашт аз ҳафт дарё хушкимоне нагашта тар»,
Нагардад ғарқ дар ҷӯи руҷӯи худ, шиновар нест.
Ҳазорон Бӯалӣ ному яке Сино нашуд дигар,
Тамоми шамъи оламро фурӯзӣ, шамъи ховар нест.
Чӣ ҷӯӣ, Нуридин, бо ҳам баробар аз ҳама бесуд,
Ба як каф панҷ ангуштат ба ҳамдигар баробар нест.

*20.06.2001*

* * *

Зулфи сиёҳи мушки ту ҳалқа назад ба гарданам,
Ҳалқа задаст дарду ғам бе ту ба гардану танам.
Кандаӣ аҳди худ зи ман, канда умеди ман зи ту,
Зинда ба зинда гӯри худ мон, ки ба дасти худ канам.
Гум бизанад дилам ба ту, қуфл задӣ дарат ба ман,
Гӯй ба ман, ки баъд аз ин сар ба дари кӣ мезанам?!
Ошиқ агар шаҳид шуд дар раҳи ишқи ҷовидон,
Дон, ки ба Карбалои он хуфта ба хоку хун манам.
Кардаӣ, Нуридин, ту гум ҷумлаи сарҳисоби худ,
Ҷамъи ҳазор лак ба лак нест шумар шумурданам.

*24.11.1997*

* * *

Илоҳо, ҷамъ миллат дар ватан кун,
Муҳиббу ҷамъ дар як анҷуман кун.

Худовандо, ба ҳаққи яккагият,
Ту қавмам якдилу якҷону тан кун.

Гирифторем дарди мову манро,
Даво моро зи дарди мову ман кун.

Чу ҳарфи садзабонҳо мо парешон,
Ту моро ҳарфи меҳри як даҳан кун.

Хазонбоди ҷаҳолат сӯхт моро,
Ту моро навбаҳори анҷуман кун.

Замини табъи мо пурхору пурхас,
Ту онро пур зи сарву ёсуман кун.

Занад то Нуридин чаҳ-чаҳ чу булбул,
Шукуфон меҳанашро чун чаман кун.

*16.04.1995*

* * *

Биё аз кӯчаи ҷонам, ки то нақшат ба ҷон монад,
Биё аз роҳи чашмонам, ки то аксат дар он монад.

Биё бар хонаи қалбам, дилам то шодмон монад,
Биё, аз омаданҳоят ба ман накди ҷаҳон монад.

Биё, эй хандаи бахти бузургу безаволи ман,
Биё, дар рангҳои хандаам рангинкамон монад.

Биё ҳамчун баҳоре, ки заминро мекунад гулпӯш,
Биё, то ки баҳори орзӯям бехазон монад.

Биё чун абри боронӣ, ки орад резабороне,
Биё, то ҷӯи армонам пур аз оби равон монад.

Биё ҳамчун насиме, ки ба худ бӯи вафо дорад,
Биё, то дар машомам бӯи аҳди ҷовидон монад.

Биё бар осмони шоми ҳиҷронам чу моҳи нав,
Биё, то дар фалакҳои хаёлам Каҳкашон монад.

Биё, дар субҳи шавқам ҳамчу як хуршеди тиллоӣ,
Биё, ҳар рӯзи умрам аз ту гарму зарфишон монад.

Биё, ки Нуридин дорад таманнои висоли ту,
Биё, то дар сафотат шеърҳову достон монад.

*Соли 1977*

* * *

Аз дурӯғин ишқи фонӣ гиря бояд карду рафт,
Аз фиреби ёри ҷонӣ гиря бояд карду рафт.

Дар дами пирӣ ҷавонӣ аз худ овоят надод,
Барабас рафта ҷавонӣ, гиря бояд карду рафт.

Дар сари гумгаштаҳо бо ҳасрати гумкардае,
Аз фироқи бенишонӣ гиря бояд карду рафт.

Оқибат баъди тавонат нотавонӣ мерасад,
Пеши ранҷи нотавонӣ гиря бояд карду рафт.

Медиҳӣ рӯзе ҳисоби кардаву нокардаро,
То чу гунге дарнамонӣ, гиря бояд карду рафт.

Дар канори зиндагӣ мо, зиндаҳо, зиндонием,
Аз ҷафои зиндагонӣ гиря бояд карду рафт.

Оташе худкардаро сӯзад панаҳ дар мағзи ҷон,
Аз ғаму доғи ниҳонӣ гиря бояд карду рафт.

Бин, ки ҳатто чуғз дорад лона дар вайронае,
Дар ватан аз ломаконӣ гиря бояд карду рафт.

Чор фасли солро махсус эҳсони Худост,
Дар баҳор ояд хазоне, гиря бояд карду рафт.

Умри худро, Нуридин, бахшида дар иншои шеър,
Чопи девонат нахонӣ, гиря бояд карду рафт.

*12.02. 2001*

* * *

Тавбаи хомӯши рӯҳ дар ҳарду чашмон аст ашк,
Чашмаи саршори раҳми ҳар мусалмон аст ашк.

Оби поке, ки бишӯяд доғи ботинро ҳалол,
Баҳру дарё нест, он дар чашми инсон аст ашк.

Мегурезад оташи дӯзах зи оби чашми мо,
Ваъдаҳо дар ҳарфҳои ҳаққи Қуръон аст ашк.

Мо ҳама рухсораҳои тар, гули тар дидаем,
Аз гули рӯ метаровад, шабнами ҷон аст ашк.

Бо забони ашк гӯям қиссаҳо аз ғуссаҳо,
Розгӯи дардҳои мустамандон аст ашк.

Дар фурӯғи дидаҳои модари худ дидаам,
Модаронро дар тасалло ҳамчу дармон аст ашк.

Фарқ дорад ашк аз ашк аз замин то осмон,
Гоҳ бинӣ, макр аз тазвири шайтон аст ашк.

Ашки шодӣ, ашки армон, ашки ҳасрат, ашки ғам,
Дар масири ин ҳама пуршӯру тӯфон аст ашк.

Нуридин, ғарқидаи дарёи ашки хеш бош,
Ашкрезонро иноят раҳми Раҳмон аст ашк.

*12.06.1997*

* * *

Файзи ободии ту аз сахтвайронии мост,
Фарри донои ту дидам зи нодонии мост.

Пой мемонӣ ба рӯи шонаи мо беибо,
Маснади болои ту аз хокпоёнии мост.

Қадри худро мо надонистему дидам то кунун,
Қимати волои ту аз нархи арзонии мост.

Мо фаромушгаштагонему туӣ дар ёдҳо,
Ошкориҳои ту аз хору пинҳонии мост.

Мехиромӣ дар канори зиндагӣ бо ҷилваҳо,
Пои озоди ту аз ин рӯҳи зиндонии мост.

Бӯи нон аз они мову рӯи нон аз они ту,
Нони арзони ту аз бехону бенонии мост.

Ҳамчу мушти хок андар панҷаи бодем мо,
Хотири ҷамъи ту аз паҳну парешонии мост.

Дар паноҳи ғуссаи мо шодии ту зинда аст,
Чеҳраи хандони ту аз зору гирёнии мост.

Соҳиби мулк аст Эзид, бандаи ӯем мо,
Мулк дар дасти ту аз нуқсони инсонии мост.

Нуридин, чун даст меёбанд ин сон нокасон?
Аз хатову зиштро ҳар лаҳза хушхонии мост.

*23.02.1997*

* * *

Ҳайфо, ки азон ба гӯши карҳо кардем,
Уммеди хирад абас зи харҳо кардем.

Буд мӯниси ҷовидонае дар бари мо,
Мо ҳамдамие ба раҳгузарҳо кардем.

Бар домани нокасон зада дасти тамаъ,
Таҳсини назар ба беназарҳо кардем.

Бо гӯши гарон каломи Ҳақ нашнидем,
Бовар ба дурӯғи бехабарҳо кардем.

Як лаҳзаи умри мо зи дунё қимат,
Сарфаш ба ҳавову бар ҳадарҳо кардем.

Сад нахли муроди пурсамар хушккунон,
Мо бонии боғи бесамарҳо кардем.

Дар водии бемақсадӣ раҳгум задаем,
Чун бо балади кӯр сафарҳо кардем.

Аз он шудаем инчунин хору залил,
Бас хор тамоми муътабарҳо кардем.

Ду дидаи мо дид ҳама, хеш надид,
Ҳар айб, ки буд, бори дигарҳо кардем.

Ку гулхани маърифат кунад равшан дил?!
Аз нури шуур мо ҳазарҳо кардем.

Ин шикваи Нуридин дароз аст ҳанӯз,
Онро ба ҳазор мухтасарҳо кардем.

*15.07.1997*

* * *

Ба саҳни дилкаши замин расид навбаҳораке,
Ба ҳусну бо лиқои хуш латифу хушгувораке.

Вале ба мулки мо расид зи чатри ғам ғубораке,
Равона ашки шӯри ғам ба рӯи мо ҷубораке.

На нағмаҳои дилситон зи тарфи боғу бӯстон,
Ҳамерасад ба гӯши мо фиғону оҳи зораке.

Ба кӯҳу дашту пуштаҳо, ба боғу роғу киштаҳо,
Ба ҷои майсаҳои тар дамида ҷуҷхораке.

Бубин зи по фитодаҳо, ба хок сар ниҳодаҳо,
Ба ин фитодапойҳо куҷост дасти ёраке.

Ҳама ба ҳоли бад забун, ба хоку хун чӣ сарнагун,
Ба рӯи тахту рахти бахт ку дигар савораке?!

Фақир бо тавонгаре ба марг шуд баробаре,
Набудааст дар ҷаҳон ягон кас устувораке.

На таъна ман ба ту занам, на таъна ту ба ман бизан,
Гуноҳ ҳар ду кардаем бузургу бешумораке.

Куҷост бандаи Худо, зи мағзи ҷон кунад дуо,
Ҳама магар, ки лол шуд ба хондани Табораке.

Ба ту расида захми тан, ба Нуридин шикасти дил,
Ҳаметапад ба хуни худ ба ҷони бекарораке.

*13.04.1992*

* * *

Агар як хишти нокоме зи девори ҷаҳон афтад,
Яқин, ки зарбааш аввал ба фарқи нотавон афтад.
На ҳар чаҳкан ба чоҳи хеш меафтад дар ин дунё,
Басо бо чашми худ дидам, дар ин ҷаҳ дигарон афтад.
Раҳу рафтори ҳар бесар ҳамеша нангу ор орад,
Маломатсанги он андар сари соҳибсарон афтад.
Касе аз роҳи халқи хеш берун мешавад, афсӯс,
Ба он монад, ки ӯ танҳо ба дашти бекарон афтад.
Агар бар қисмати фарзанд бадбахтӣ кунад таҳдид,
Нахустин шӯълаи оташ ба ҷони модарон афтад.
Магӯ, эй Нуридин, бори ғами худ мебарӣ танҳо,
Агар афтӣ зи по, борат ба дӯши ёварон афтад.

*Соли 1974*

* * *

Ба боғи ҳусни ту зебоӣ кишта,
Вуҷудат аз тароватҳо сиришта.
Зи сурхии лабонат ранг бурда
Баҳорон лолаҳо дар кӯҳу пушта.
Ба банди ёди ту печида маҳкам
Тамоми тору пудам ришта-ришта.
Кунам шукронаи мирзои тақдир,
Бароям ишқи поки ту навишта.
Ба аъмоли накӯ ҳамто надорӣ,
Ба чашми ҷони ман тобӣ фаришта.
Ба лутфи як вафоят зинда гардам,
Шавам аз ҷабр агар сад бор кушта.
Бисанҷӣ Нуридинро гар ба ҳиҷрон,
Ба роҳат то қиёмат ҳаст шишта.

*24.06.1989*

* * *

Имрӯз тамоми нурҳо нор шуда,
Дар сина сафои меҳрҳо мор шуда.
Сад фитна ба ҷои пиру тадбир расид,
Он чӯби асои пирҳо дор шуда.
Хунпеч шуда чашми фалак аз сари кин,
Э вой, замона абри хунбор шуда.
Аз куштаи пуштагаштаи мурдаи мо
Пур ҷӯю ҷару теппаю ҳар ғор шуда.
Аз даҳшати қатлу ғорату калтаку мушт
Ҳар кас, ки намурд, сахт бемор шуда.
Бин, тоҷики тоҷдорро хору гадо,
Сарсону гурезону ба ғам ёр шуда.
Аз Нуридин, эй дӯст, ту аҳвол мапурс,
Аз зарбати ғусса нақши девор шуда.

*Соли 1992*

* * *

Аз сару савдои ширинат ба ман афсона монд,
Ин дилам бе ишқи ту чун мурғаки белона монд.
Ёд кардам ман нигоҳи гарми чашмонат, вале
Он нигоҳи гарми ту бар ҷониби бегона монд.
Ин баҳорон хостам, ки дастаи гул орамат,
Шуд гулам пажмурдаву дар теппаҳои ёна монд.
Ишқи аввалро фаромуш карданам осон наяст,
Ишқи ман, бин, бесамар бо айби ту, ҷонона, монд.
Гар ба ёдат Нуридин ояд, ба некӣ ёд кун,
Ёди ту дар синаи ӯ гавҳари якдона монд.

*22.04.1984*

* * *

Нози ноҷо қадрро аз байни ёрон мебарад,
Лутфи беҳад меҳрро аз дӯстдорон мебарад.

Ҳар чи андар ченаку андозаи худ беҳтар аст,
Филро, гар беш борад оби борон, мебарад.

Мушкил аст озору дард андар тани одам, вале
Шикваи ҳар лаҳза ғам аз ғамгусорон мебарад.

Ҳусни инсон нест танҳо дар гули рухсори ӯ,
Феъли бад сад ҳусни хуб аз гулъузорон мебарад.

Ҳар ки бошад дар диёру хонаи худ, хуштар аст,
Дур рафтан таъмро аз чашмасорон мебарад.

Мастии аз ҳад фузун орад ба дил бори хиҷил,
Оқибат ҷони азиз аз майгусорон мебарад.

Нуридин, андеша дор аз хушкгӯии сухан,
Хушксолӣ дону барг аз киштзорон мебарад.

*22.12.1984*

* * *

Ҳар касе дар сар ба қадри худ хаёле парварад,
Авҷи бахти беназиру безаволе парварад.

Бас аҷиб аст одаму маънову ҳам савдои ӯ,
Ҳар нафас бо ранги нав садҳо саволе парварад.

Он яке дар зиндагӣ ҷӯяд раҳи осони умр,
Дигаре бо фикри худ роҳи маҳоле парварад.

Он яке бо рӯи зишту ботини зебост, лек
Дигаре бемағзу аммо хатту холе парварад.

Он яке созад нисоре ҳастияшро баҳри халқ,
Дигаре бо накди ҷон ҷоҳу ҷалоле парварад.

Он яке фарқе насозад моли кас аз моли худ,
Дигаре бо меҳнаташ ҳаққи ҳалоле парварад.

Он яке аз ёри ҷонӣ мешавад осон ҷудо,
Дигаре бо мушкилӣ рӯзи висоле парварад.

Он яке бо заҳмат орад қалби мардумро ба даст,
Дигаре бо фитна озору малоле парварад.

Он яке аз баъди маргаш дар қатори зиндаҳост,
Дигаре дар зиндагӣ маргу заволе парварад.

Нуридин фарқи миёни неку бадро дидааст,
Боз ҳам дар роҳи ин машқу камоле парварад.

*Феврали 1988*

* * *

Ҳеҷ дарё чун дили дарёи модар нест, нест,
Бе чунин дарё ҷаҳон сарсабзиовар нест, нест.

Модаро, узрам бинеҳ, нисбат ба дарё додамат,
Ҳеҷ нисбат дар ҷаҳон бо ту баробар нест, нест.

Зиндагӣ аз ту гирифта ибтидо беинтиҳо,
Бе ту бар фардо умеду роҳи бовар нест, нест.

Мезанӣ худро ба обу оташ аз баҳри ҳаёт,
Дар талоши зиндагӣ чун ту диловар нест, нест.

Дар муҳаббат вазни ҳар тифле баробар дар дилат,
Дар тарозуи адолат чун ту довар нест, нест.

Нури чашму гармии ҷисми ман аз меҳри ту аст,
Гар набошӣ, бар сарам хуршеди ховар нест, нест.

Нуридин, дар зиндагӣ аз чӣ намегардӣ ту сер,
Чунки чашмам сер аз рухсори модар нест, нест.

*8.11.1986*

* * *

Қалби ман дар хонаи меҳри ту меҳмон буд, рафт,
Меҳмоне бо умеди нони паймон буд, рафт.

Иззати меҳмон накардӣ бо намакдони вафо,
Дид соҳибхона аз меҳмон пушаймон буд, рафт.

Гоҳ хондияш ба пешу гоҳ рондияш зи хеш,
Аз чунин рафтори пурсеҳри ту ҳайрон буд, рафт.

Нақши пояш монда буд андар раҳи даргоҳи ту,
Кӯр гардид оқибат, он нақши армон буд, рафт.

Гар шавӣ рӯзе пушаймону бичӯияш, чӣ суд,
Мушти хоке дар раҳи боди парешон буд, рафт.

Нуридинро дил бирафт аз кӯи ту бебозгашт,
Рафтанашро бевафоии ту фармон буд, рафт.

Мечакид аз захмҳояш хуни гулгуни вафо,
Аз табибаш ҳайф, ки маҳруми дармон буд, рафт.

*18.07.1982*

* * *

Чароғи дил агар бенур гардад,
Ду чашми тозабинон кӯр гардад.

Ба бекорӣ агар кас майл созад,
Тани бедард ҳам ранҷур гардад.

Зи душворӣ ҳаросон гашт ҳар кӣ,
Ба вай осонӣ ҳам бас зӯр гардад.

Нагирӣ раҳ ба манзил аз сари сидқ,
Раҳи наздик ҳам бас дур гардад.

Зи меҳнат зиндагонӣ гашт дилкаш,
Вагарна бетароват, гӯр гардад.

Лиқову ҳусни одам дар кафи ӯст,
Зи меҳнат одамӣ бонур гардад.

Касе касбаш ҳалол орад ба сомон,
Биёбад обрӯ, машҳур гардад.

Суханро, Нуридин, бо дил намо ҷӯр,
Ки то бо зиндагонӣ ҷӯр гардад.

*Соли 1975*

* * *

Ҷаҳон равшан зи рӯи моҳи модар,
Чӣ зебо хирману хиргоҳи модар.

Каси садсола ҳам дорад таманно
Зи нав ёбад дару даргоҳи модар.

Замони тифлӣ з-он афсона тобад,
Ки бошӣ ҳамраҳу ҳамроҳи модар.

Замину осмон гардад ғамолуд,
Дар он печад агар як оҳи модар.

Гуноҳашро набахшоянд асло,
Касеро, ки шавад бадхоҳи модар.

Ҳамеша Нуридин ҷӯяд баландӣ
Зи гарди хоки поки роҳи модар.

*Соли 1981*

* * *

Майсаи мижгони ман аз шабнами ғам нам зада,
Қомати болои ман аз бори кулфат хам зада.

Медамад аз синаи афсурдаам оҳи бадард,
Миллати ман дар балову кулфату мотам зада.

Ку бузургонам, ки буда ҳар яке қутби замон,
Ахтарони тобнок аз осмонам кам зада.

Шафқату раҳм аз дилу дунёи одам рафтааст,
Фитнаи шайтоние бар фитрати одам зада.

Равнақи шуғле намонда, ҳар қадар заҳмат кашам,
Бесамар, беҳосилӣ бар обу бар хокам зада.

Шуд ҷудо бо сад алам аз ҷони ширин он касе,
Ногаҳ аз ҳарфи ҳақиқат ҳар куҷое дам зада.

Нуридин, озодандешии бефарҷоми ту
Банду занҷире ба дасту пои озодам зада.

*Соли 1994*

* * *

Умри тарабободе обод намемонад,
Рӯзе биравад барбод, ҷуз ёд намемонад.
Хоҳӣ бикашӣ фарёд з-ин нақди талафбунёд,
Баъди нафасе бинӣ, фарёд намемонад.
Ин лаҳза, ки ҳастӣ шод, аз банди ғамӣ озод,
Шодона бизӣ, умре кас шод намемонад.
Пирӣ ба танат афтад сад заъф кунад эҷод,
Аз тобу тавон он дам имдод намемонад.
Эй Нуридин, орӣ ёд, ёди ғами модарзод,
Ҷонзоди замин з-ин ғам озод намемонад.

*Соли 1979*

* * *

Дари ёди маро дигар мазан, ёр,
Наояд ҷуз фаромӯшӣ падидор.
Наомад ёди ман як дам ба ёдат,
Даме буд ҷони ман шӯру шарардор.
Зи ман чизе дигар боқӣ намонда,
На шодиву на осоиш, на озор.
Чунон дар нестиҳо нест гаштам,
Ки н-оям дар хаёлу фикру пиндор.
Ба жарфи наҳси нобудӣ фитодам,
Натонӣ, ки кунӣ суробам эъмор.
Зи ман афсона ҳам боқӣ намонда,
Ки боре қиссае орӣ ба гуфтор.
Атои зиндагӣ як бор будаст,
Набуда мавҷи ӯро лаҳн такрор.
Зиҳӣ, эй Нуридин, якрӯву якдил,
Ба як бору ба як бору ба як бор.

*30.01.1997*

* * *

Морбоз охир зи захми заҳри мораш мемурад,
Дорбоз андар замини назди дораш мемурад.

Он, ки бо тиру камон як умр рафт аз пушти сайд,
Дар шахи партове аз пушти шикораш мемурад.

Борҳо дидему мебинем андар зиндагӣ,
Фитнакоре дар муҳити фитнабораш мемурад.

Ҳар касе бар зиндагӣ дорад назар беэътибор,
Дар сари хамзинаи беэътибораш мемурад.

Ҳар хасисе бо ҳарисӣ моли дунё ҷамъ кард,
Дар ғами кам гаштани як аз ҳазораш мемурад.

Дид осон ишқро кас дар масири ақли худ,
Бо дили озурда аз ҷабри нигораш мемурад.

Некмарде нақди умраш сарфи кори хайр кард,
Бо шукӯҳу шӯҳрати пурифтихораш мемурад.

Ку раҳоӣ ҷумлаи ҷонзоди оламро зи марг?!
Ҳар касе бо рӯзу соат, дар шумораш мемурад.

Марг кай якрӯю якранг аст бар мирандагон,
Оқибат ҳар кас ба рағми кирду кораш мемурад.

Нуридин, дар мағзи ҷонат мебарӣ умре ҳавас,
Бар касе, ки монда аз худ ёдгораш, мемурад.

*Соли 1985*

* * *

Хешро аз хештан дуздида пинҳон бурдаам,
Ҳастии пинҳони худро бин, ки урён бурдаам.
Ман намегунҷам дигар дар тангнои ҷисми худ,
Шӯру исёни ҷаҳон дар хуни шарён бурдаам.
Иддаи сатҳиназарҳо хом мегӯяд маро,
Бехабар, ки сӯхт ҷону қалби бирён бурдаам.
Рӯи шона бо гаронӣ вазну бори қисматам,
Бо сару пои пиёда чун саворон бурдаам.
Хандаи шодӣ ба рӯям буд умре нақши ғам,
Лаззате аз базми дунё чашми гирён бурдаам.
Нуридин, аз саҳнаҳои фитнабори зиндагӣ
Чашми ҳайрат аз дурангии дурӯён бурдаам.

*Соли 1988*

* * *

Хайрамақдам, эй аҷал, бар мулки ҷисму ҷони ман,
Пойандози раҳат ин сабзаи армони ман.
Будаам дар роҳи ту аз батни модар интизор,
Аз азал даъват будӣ бар хонаам, меҳмони ман.
Раъшаҳо афтода аз ваҳми ту дар ҷисми ҳама,
Нашъаи меҳри ту дорад ҷисми дар фармони ман.
Шарбати ширини ту ширинтар аз шириниҳо,
Рез, рез он шарбати ширин-т дар паймони ман.
Домани дунё гирифтам, бесару сомон шудам,
Дар бари домони ту бошад сару сомони ман.
Дидаам ҳар субҳро дар шомгаҳ поёнпазир,
Зуд бар манро ба сӯи субҳи бепоёни ман.
Нуридин, ин зиндагӣ носеру ман сер омадам,
Аз тамоми ризқи олам соз холӣ хони ман.

*Соли 1994*

* * *

Қалбам ба ҷамоли хуши зебои ту моил,
Ҷонам ба сари тори вафои ту ҳамоил.
Гар панҷаи беаҳдии ту барканад ин тор,
Он лаҳза шавад ҳастии ман яксара зоил.
Таъми шакари меҳри ту биншаста ба ҷонам,
Шаҳде, ки чашам бе ту, бувад заҳри ҳалоҳил.
Ман садқа шавам бар ҳама он чеҳраву рӯе,
Як зарра агар ҳаст дар он аз ту шамоил.
Дар шеваи ин гуфтаи ман лофи сухан нест,
Ин ҳарфи дилу ҷони ману ҳамчу далоил.
Пинҳон накунад Нуридин асрори ниҳонаш,
Як лаҳза набошад сарам аз ёди ту ғофил.

*Соли 1989*

* * *

Лабонам чун баҳор аз бӯсаи ҷонона гул кардаст,
Нигоҳам аз нигоҳи дилкаши мастона гул кардаст.
Шуда оғӯши ман аз пайкари гулранги ӯ пургул,
Вуҷудам бо як эҳсоси тарабмандона гул кардаст.
Дигар дар синаи ман нест осори ғами фурқат,
Чароғи шодиям андар шаби ғамхона гул кардаст.
Висол айёми гулрӯе, висол айёми гулбӯе,
Зи гулрӯиву гулбӯӣ ҳама яксона гул кардаст.
Касе, ки қиссаи мо гуфт, аз ӯ хуш бӯи гул омад,
Зи бӯи ишқи мо ҳар қиссаву афсона гул кардаст.
Забонат дар даҳонат, Нуридин, гӯёст барги гул,
Миёни ҳар каломат ҳарфи сад шукрона гул кардаст.

*Соли 1984*

* * *

Лаззати дидори ту бе бода мастам мекунад,
Дар сарам шӯри муҳаббат зода, мастам мекунад.
Ин чӣ сеҳр аст аз нигоҳи дилкаши махмури ту,
Ҳар гаҳе бар чашми ман афтода, мастам мекунад.
Бӯи мӯи анбарафшони ту ояд бар машом,
Ҳамчу атри накҳати шаббода мастам мекунад.
Он қадар печидаву ларзида меоӣ, нигор,
Пайкари нозукбари озода мастам мекунад.
Дар назар ояд ҳамон лабҳои сурхи лолаат,
Ваъдаи он бӯсаи нодода мастам мекунад.
Нуридин дар кӯи ту мастона мехонад ғазал,
Шеваи мастонааш пайваста мастам мекунад.

*Соли 1987*

* * *

Шишаи сабрам бубин, ки санги хороро шикаст,
Олами андешаам асрори дунёро шикаст.
Он қадар ғарқидаам дар қаъри мавҷи орзу,
Хун ба рагҳои танам тӯфони дарёро шикаст.
Субҳ дар дунёи ман аз нури меҳре медамад,
Барқи шавқи чашми ман зулматсароҳоро шикаст.
Доштам андар бисотам як диле, аз даст рафт,
Ҳиммати нодориҳоям кибри дороро шикаст.
Сурате метобад аз оинаи оини ман,
Ки ҷамоли ӯ ҳама ҳусни дилороро шикаст.
Ман ба ҷоми шукр нӯшам ҳамчу шаҳде заҳри ғам,
Заҳр дар комам ҳама таъми гувороро шикаст.
Нуридин, дар қатраи ашки булӯрин дидаам,
Гиряи имрӯзи ман андӯҳи фардоро шикаст.

*Соли 1993*

* * *

Бин, зи савдои хаёлат дар сарам ҳушам намонд,
Ҷуз садои ёди ту овоз дар гӯшам намонд.
Мекашидам ёди ту чун ҷони ширин дар бағал,
Эй дареғо, ёди ту дар боғи оғӯшам намонд.
Дар ҳавоят хешро кайҳо фаромуш кардаам,
То кунам ғамро фаромӯш, он фаромӯшам намонд.
Боди ҳаҷрат бар сари ман рехта гарди хазон,
Як нишоне аз баҳори сабзи гулпӯшам намонд.
Бин, ҳама ғунҷида андар зери сақфи осмон,
Бе ту зери осмон болову сарпӯшам намонд.
Хостам ёбам раҳо бо марг аз ин доми бало,
Нӯш кардам заҳри маргам, заҳр дар нӯшам намонд.

*24.07.1997*

* * *

Ҳар ба зер афтодае пур ёди боло мекунад,
Дар бало афтода ёди бахти воло мекунад.
Лек фарди беғами мастонаро дар зиндагӣ
Хоки талхе дар даҳонаш таъми ҳалво мекунад.
Аз турушрӯён нигоҳи чашмҳо андар гурез,
Талъати хуш сад дари пӯшидае во мекунад.
Нест ҳар касро насиби шукри неъматҳову ноз,
Нокас андар неъмати худ шӯру балво мекунад.
Бо сари шӯридаву фикри парешон Нуридин
Ҳамчу ҳазёни парешон шеър иншо мекунад.

*9.11.1994*

* * *

Сабру сомони кӣ бурдӣ, бесару сомон шудӣ?
Домани ёри кӣ кандӣ, ёри бедомон шудӣ?

Ҳар амалро дон, ки посухест чун акси садо,
Карда саргардон киро, то ин ки саргардон шудӣ?

Ту набудӣ аз ҳасадхорон ҳамегӯӣ, вале
Заҳри армони кӣ хӯрдӣ, дарди бедармон шудӣ?

Мегазӣ ангушти ҳайрат бо сари ҳайратзада,
Ғарқи ҳайрат кардаӣ кӣ, ки чунин ҳайрон шудӣ?

Нест ин чархи фалак ҳам бар сари ту соябон,
Хонаи кӣ кардӣ вайрон, хонаат вайрон шудӣ?

Рафта аз рӯи ту нури дилкаши гарми ҳаё,
Карда беисмат киро, ки худ зи бешармон шудӣ?

Боварӣ дигар надорӣ худ зи худ дар зиндагӣ,
Қавли кӣ бишкастаӣ, беаҳду бепаймон шудӣ?

Нуридин, дунё сарое, мо ҳама меҳмон дар ӯ,
Карда меҳмонӣ киро, дар синаҳо меҳмон шудӣ?

*12.07. 1996*

* * *

Маҳи хирманзадаи рӯи туро ёд кунам,
Анбарин марғулаи мӯи туро ёд кунам.
Талъатат дар назарам монда мусаввар доим,
Лабу рухсораву абрӯи туро ёд кунам.
Бо ҳама халқи ҷаҳон бе ту тани танҳоям,
Бо туву шиштани паҳлӯи туро ёд кунам.
Ман, ки раҳгумзадаам бар раҳи кӯи дигаре,
Ошнопайраҳаи кӯи туро ёд кунам.
Чашми хушрӯназари Нуридин ар кӯр шуда,
Сар ба по ҳастии хушрӯи туро ёд кунам.

*8.02.2001*

* * *

Худоё, тинати тифлонаам деҳ.
Дили аз бухсу кин бегонаам деҳ
Ба гирди нури шамъи орзуҳо
Пару парвои чун парвонаам деҳ.
Агар бо шодие ношукр будам,
Ғам андар ҷисму ҷону хонаам деҳ.
Хирад бо ақл чун якҷо накардам,
Сару савдои сад девонаам деҳ.
Зи дастам файзи ободӣ наомад,
Макон дар манзили вайронаам деҳ.
Накардам талхиеро шаҳди ширин,
Лаболаб заҳр дар паймонаам деҳ.
Надод ар Нуридин ҷонро ба ҷонон,
Ба кулфат ҷони беҷононаам деҳ.

*6.03.1995*

* * *

Дилбари ман то ба ҳол аз модараш нозодааст,
Поку беолоишу ҳамчун парӣ озода аст.

Ман зи дунё меравам, ӯ пас ба дунё мерасад,
Ӯ ба дунёи ману бар шеъри ман дил додааст.

Бо камоли содагияш мекунад ёде зи ман,
Ӯ саропо бо умедаш чун дили ман сода аст.

Мекашад тарҳи маро андар гумонаш бехато,
Чашми худро гӯӣ ӯ бар рӯи ман бикшодааст.

Мекунад бӯ аз насими ҳар баҳоре бӯи ман,
Дар машомаш накҳати атри мани гулзода аст.

Аз садои боду барг ӯ бишнавад овози ман,
Ҳамчу Лайлӣ гӯш ӯ бар рози Маҷнун додааст.

Нуридин мирад, намирад сидқу ишқаш ҷовидон,
Ишқи ӯ ҳамчу дари бар ду ҷаҳон бикшода аст.

*20.03.2001*

* * *

Маро дар оташи ишқи ҳама ҷононаҳо сӯзед,
Маро дар шӯълаҳои шамъ чун парвонаҳо сӯзед.
Агар н-ояд машомеро зи дудам бӯи сидқу меҳр,
Маро дар ошдони ғайбати бегонаҳо сӯзед.
Агар як шӯълае коҳад зи ҷони зори сӯзонам,
Маро дар тобадони ғуссаи ғамхонаҳо сӯзед.
Агар гармӣ набахшам бар ҷаҳону ҷони бесӯзон,
Маро дар гулхани афрухтаи афсонаҳо сӯзед.
Агар аз партави сӯзандаам равшан нашуд кӯе,
Маро дар зери хокистартар дар ин вайронаҳо сӯзед.
Агар ин Нуридин бар худ назад оташ зи нури ақл,
Варо бо барқи ҷаҳлу нафрати девонаҳо сӯзед.

*21.06.2001*

* * *

Хушрӯйӣ чист? Ҷавҳари гарми нигоҳи мост,
Бадрӯйӣ чист? Сурати сарди гуноҳи мост.
Танҳоӣ чист? Рӯҳи ба тан ҳамнишиншуда,
Гумроҳӣ чист? Маншаи ақли табоҳи мост.
Хушбахтӣ чист? Фарри худододи зиндагӣ,
Бадбахтӣ чист? Он чи, ки он интиҳои мост.
Доройӣ чист? Дасти расо бар дари ҳавас,
Нодорӣ чист? Ҳасрати беинтиҳои мост.
Бедорӣ чист? Нашъае аз зиндагии Хизр,
Пурхобӣ чист? Манзари марге ба роҳи мост.
Хушмеҳрӣ чист? Оину меҳроби қалби нек,
Бемеҳрӣ чист? Қалбаки тору сиёҳи мост.
Нокомӣ чист? Зиндагии хори Нуридин,
Хушкомӣ чист? Умри саодатпаноҳи мост.

*13.08.2004*

* * *

Хуш моҳи рӯ дар шоми мӯ афтода зебову накӯ,
Ман бо дили зебоиҷӯ мафтуни рӯю мӯи ту.

Дар зиндагӣ осемасар, аз хешу дунё бехабар,
Худро задам кӯи ба кӯ, будам туро дар ҷустуҷӯ.

Имрӯз пайдо кардамат, бар шавқ шайдо кардамат,
Гӯ, соқии фархундахӯ, лабрез кун ҷому сабӯ.

Эй дидаи гулбози сар, аз асли гулҳо бехабар,
Ту гул набину гул мабӯ, ӯ бурда аз мо рангу бӯ.

Овоз н-орад савту соз дар шеваи розу ниёз,
Монда забони лобагӯ, ду чашм дорад гуфтугӯ.

Ду пайкари мо оташин, оташ ба оташ ҳамнишин,
Чун шӯълаҳои дар нумӯ печида мо мӯи ба мӯ.

Дар ин замини чорсӯ ҳаргиз нагӯям қибла ку,
Кардем ибодатро руҷӯъ ту сӯи ман, ман сӯи ту.

Имрӯз баҳри Нуридин чун нури хуршеди зарин,
Уммеди васл омад фуруд аз осмони орзу.

*2.08.1996*

* * *

Ту ашки чашми оламҳоӣ, борон,
Ба гиря мисли одамҳоӣ, борон.
Ту рухсори таре орӣ ба ёдам,
Сароғози ҳама намҳоӣ, борон.
Ба савти якнавози ҳузннокат
Муноҷоти ҳама ғамҳоӣ, борон.
Ба абри ғуссаи рӯи самоят
Ту рангу рамзи мотамҳоӣ, борон.
Тамоми умр ашки Нуридин рехт,
Ки буд ҳамрозу ҳамдамҳои борон.

* * *

Биё, бо барги гул бодат кунам, ёр
Биё, бо меҳри дил шодат кунам, ёр.
Наоӣ, аз ғами ҳаҷрат бимирам,
Биё, бо ишқ фарёдат кунам, ёр.
Чу гарде умри моро мебарад бод,
Биё, дар ёд ободат кунам, ёр.
Ману ту бе ҳам ороме наёбем,
Биё, дар хеш ороматт кунам, ёр.
Ту бе дому дили мо банд кардӣ,
Биё, дар банд бедомат кунам, ёр.
Ҷаҳону коми ман аз туст ширин,
Биё, ки шаҳд дар комат кунам, ёр.
Каломи Нуридин зеби ту дорад,
Биё, ин шеър бо номат кунам, ёр.

*09.12.06*

* * *

Буттаи хорӣ миёни боғу гулзори сухан,
Хорҳоят медиҳад тазйиқу озори сухан.

Гӯшҳо ояд ба қомат аз лаби пургӯи ту,
Кош модар гунг мезодат ба гуфтори сухан.

Рӯҳи миллат мезанад рӯзе, маховат мекунад,
Бо чунин як шевае, ки мекунӣ хори сухан.

Комҳо талханд аз лаҳни бади гуфтори ту,
Сад дареғу ҳайф аз таъми шакарбори сухан.

Ҳар ки нашносад туву гуфтори нодаркори ту,
То фалак гирдаш занӣ девори бекори сухан.

Қаъри гуфторат надорад таг, ки он беохир аст,
Дар хаёли ман муҷассам мешавӣ ғори сухан.

Печутоби он забонат дар даҳонат дидаам,
Мори афъиест печон дар сарахбори сухан.

Офарид арзу саморо Ҳақ таоло аз ду ҳарф,
Эй ту ғофил аз ниҳоди сирру асрори сухан.

Бобиёни ҳушманди мо, бубин, парвардаанд
Бо садоҳои биҳиштӣ савту ашъори сухан.

Ман надорам ҳаққи он ки ҳар чи ояд дар даҳан,
Ҷо диҳам дар маҳзани ашъору анвори сухан.

Аз миёни қалбу ҷону мағз-мағзи худ биҷӯ,
То биёбӣ оҳарин зебо ту меъёри сухан.

Нуридинро нест даъвое сухандонӣ кунад,
Ӯ ба қадри ҳоли худ бошад гирифтори сухан.

*Соли 1994*

* * *

Бо шитоби бемисоле сӯи анҷомем мо,
Дар ҷаҳон зиндониёни ҷусса бо ҷонем мо.

Доманафшон бигзарад айём аз паҳлӯи мо,
Рӯи раҳ афшонда гарду чанги домонем мо.

Ҳар замон аз аҳду қавли хештан ёд оварем,
Гарчӣ ҳам бишкастагони аҳду паймонем мо.

Зери нури хирасӯзи шамъаки ларзони ақл
То адам бо ҷоҳилон муштугиребонем мо.

Лофи доноӣ задан дар хуни мо биншастааст,
Лек кай донем, нодонем? Нодонем мо.

Дар талоши некномӣ гарчи хуни дил хӯрем,
Сад дареғ, аз дасти карда ҷумла бадномем мо.

Субҳ бахшо оқибат ҳар шоми моро, эй худо,
Бо умеди нури субҳат зинда дар шомем мо.

Нуридин, ҳарфи ту берабту парешон то ба кай?
Чора ку, ки зодаи аҳди парешонем мо.

*25.09.1995*

* * *

Зиндагонӣ, бевафоӣ дар ҷаҳон чун ёри ман,
Ёри ман дар бевафоӣ пайрави ағёри ман.

Мехӯрад бар санг пои орзуям ҳар замон,
Медиҳад доим фиребам дидаи бедори ман.

Чашми гулбин, табъи гулбӯ, дасти гулчин доштам,
Лек хору хас дамад дар мазраи гулзори ман.

Ҳусни ӯ даллоли савдои дили фарзона гашт,
Бурд арзон колаи пурқимат аз бозори ман.

Абри оҳам рӯи оламро гирифт аз сӯзи дил,
Ҷои борон ашк рехт аз чашми гавҳарбори ман.

Зодгоҳам Шаҳринав, дар домани кӯҳи баланд,
Лек сатҳи пастиҳои зиндагӣ душвори ман.

Он қадар бегона гаштӣ, Нуридин аз ин ҷаҳон
Ҳеҷ осоре намонда бар дару девори ман.

*01.10.1995*

* * *

Зиндагонӣ пештар бо рангу бӯяш сода буд,
Сода буд, аз содагӣ бисёр ҳам озода буд.

Сода субҳу сода рӯзу сода шоме дошт ӯ,
Одамӣ бар содагии зиндагӣ дил дода буд.

Содагӣ ҳаргиз намедонист макру фандро,
Дар булӯри хотири ҳар одаме чун бода буд.

Дӯст медошт аз камоли содагӣ дини Худо,
Пайраҳи имони ӯ дар каъбаи як ҷода буд.

Ишқи ӯ мебаст ҳосил аз дарахти содае,
Дилбараш бо содагӣ дар ишқи ӯ истода буд.

Таъми нонаш дар даҳонаш маззаи бас сода дошт,
Содагӣ дар ташнагӣ оби зулолаш дода буд.

Сода рӯю сода мӯю сода ройе дошт ӯ,
Модараш ӯро ба лутфе содаҷоне зода буд.

Нуридин ҳар мушкилоти рӯзгорон сода бин,
Содабинонро ба ҷаннат дидаи бикшода буд.

* * *

Аз азал дар дили торик чу нур афтодем,
Сархуш аз нури азал мо ба сурур афтодем.
Чашми мо бурд ҳамин нур, шуда кӯри сиях,
Ба хушигоҳи хаторохи ғурур афтодем.
Ғӯраафшони шамоли ҳаваси хом шудем,
Аз сари шохи асолат чӣ ба дур афтодем.
Мушт хӯрдем зи кадбонуи қисмат чу хамир,
Пас ба тафдони пур аз тасфи танӯр афтодем.
Домани майлу ризову ҳавас аз даст бирафт,
Берун аз хоҳиши худ тела базӯр афтодем.
Нуридин, фанд аҷаб хӯрда ту дар охири умр,
Ногаҳон аз кафи ин умр ба гӯр афтодаем.

* * *

Чун тифли ширмасте аз шурби ишқ мастам,
Мағзам пур аст аз ишқ, ман ишқ мепарастам.
Ҷони ман аст аз ишқ,  ишқи ман аст аз ҷон,
Бо ҷисму ҷону рӯҳам, бо ишқ зинда ҳастам.
Бо ёди дилситонам, озодаи ҷаҳонам,
Қуфли дари ҷудоӣ бо ишқ ман шикастам.
Дигар ғаме надорам, масруру беғуборам,
Аз растахези ҳар ғам бо сеҳри ишқ растам.
Он сарнахи вафоест, он риштаи сафоест,
Бо банди ҷовидонӣ худро ба ишқ бастам.
Анҷоми Нуридин нест, гарди мазори ӯ хест,
Дар гирдудори ҳастӣ то ишқ ҳаст, ҳастам.

* * *

Пайғоми ситора нури он аст,
Фарёд зи дури бекарон аст.
Бо гӯши нигаҳ шунидаш он ки,
Дар банди сурури ҷовидон аст.
Чун мӯъҷизи бемисоли Холиқ,
Нур аст шууру рӯҳу ҷон аст.
Ду чашм бипӯшу бо дилат бин,
Ҳар талъатро ғурури он аст.
Санге, ки ҷило диҳад ба нуре,
Гӯянд аҷаб дури гарон аст.
Аз дидани одамони бонур
Равшан дилу дидаам ба ҷон аст.
Бе назҳати нур Нуридин кӯр,
Ӯ зинда ба гӯри мурдагон аст.

* * *

Бар осмони ман шамсу қамар биё,
Бар чашми чори ман нури басар биё.
Таъме ба коми ман ширу шакар бишав,
Бар ҷони зори ман ҷону ҷигар биё.
Аз боди новазон ҳар муғҷаам хазон,
Бар боғи умри ман файзу самар биё.
Муфлис шуда сарам, беақлу музтарам,
Бар ҷайби ақли ман чун симу зар биё.
Ин боми осмон чун боми ман наяст,
Шав соябони сар, чун бому дар биё.
Беқадру қиматам, мӯҳтоҷи ҳимматам,
Ҳар об рӯ туӣ, эй шону фар, биё.
Аз лутфи ҳақ сухан дорем дар даҳан,
Эй шеъри Нуридин, дурру гуҳар биё.

* * *

Ҳар қадар гардем доно, ҷабри нодонӣ кашем,
Боз онем, арчи тарҳи хеш навгонӣ кашем.

То даме, ки марг мебошад гиребонгири мо,
Ҷовидон гӯему по аз олами фонӣ кашем.

Дар тарозуи фиребу фитнаи бозори давр
Умру ҷони қимати худро ба арзонӣ кашем.

Неку бадро дар ниҳоди хеш якҷо кардаем,
Куфр пеш овардаву бонги мусалмонӣ кашем.

Боли мурғи хонагӣ дорем дар парвозгоҳ,
Бо азобе раҳравону сайри кайҳонӣ кашем.

Он қадар беоқибат ҳаст оқибат ҳастии мо,
Дар диёру хонаи худ ваҳми меҳмонӣ кашем.

Он қадар дорем нодорӣ, ки беморем аз ин,
Сахт мӯҳтоҷему бар сар тоҷи султонӣ кашем.

Ҳар чи аз мо буд, дидем оқибат аз мо нашуд,
Ҳар ҳавас, ки хӯрдаем охир пушаймонӣ кашем.

Нуридин, як ҳарфи хақ гуфтиву сад сангат заданд,
Розҳои ошкори худ ба пинҳонӣ кашем.

* * *

Одам аз панҷаи ин давр ба сад дар шудааст,
Пора-пора шуда сад роҳ мухайяр шудааст.

Хотири ҷамъ ба як қиблаи мақсуде дошт,
Баҳраш имрӯз дусад қибла мусаввар шудааст.

Гузар аз ҷӯяки андеша барояш мушкил,
Ғарқ дар баҳри хаёл асту шиновар шудааст.

Монда он дар гили айби амалаш то зону,
Қозии кулли гунаҳ бин, ки чу довар шудааст.

Шамъи ларзон бувад андар раҳи боди қисмат,
Худфиребӣ бикунад, шӯълаи ховар шудааст.

Ҷони ӯ меравад аз дарди куҳан аз баданаш,
Муддаӣ ҳаст, ки навҷӯву нававар шудааст.

Нуридин, аз хати андеша манеҳ по берун,
Ҳарчи ҳаст, аз садади хеш муқаррар шудааст.

* * *

Он қадар хомӯшӣ мехоҳам ба монанди мазор,
Дар дили хомӯшӣ хоҳам гиряҳои зор-зор.
То шавам ғарқидаи хунобаҳои ашки худ,
Ранг гирам пас аз он чун лолаҳои кӯҳсор.
Ин булӯри хотирам аз ғусса зангоре бубаст,
То ки дар оинаи хотир бувад гарду ғубор.
Қиссаи Лайливу Маҷнунро намехонам дигар,
Бевафоӣ то кунад дар рӯи олам як нигор.
Як гули шодӣ дигар дар олами ёдам марӯй,
То даме бинам хазон ояд пас аз фасли баҳор.
Нуридин, афтӣ зи авҷи сарбаландӣ сарнагун,
То ба пастӣ мефитад як сангаке аз кӯҳсор.

* * *

Умр кӯтоҳу вале бар дур мебояд расид,
Аз шаби зулматсаро бар нур мебояд расид.
Бо ҳама заъфе, ки моро ҳаст, бояд кӯшише,
Ҳамраҳи ҳар раҳрави пурзӯр мебояд расид.
Мехурӣ сад заҳри талхи нешро дар зиндагӣ,
Пас ба шаҳди дилкаши занбӯр мебояд расид.
Аз диёри ҳастӣ бар мастӣ расидан мушкил аст,
Маст бе дурдобаи ангур мебояд расид.
Бо ду чашми баста аз ҳусни ҷаҳон бояд гузашт,
То ба ҳусни ҷовидони ҳур мебояд расид.
То бубинӣ нафъи панди мо ту дар анҷоми умр,
Аввало бар қимати дастур мебояд расид.
Нуридин аз ҷунбиши гаҳвораи худ ёд кун,
Бас ба тобутат раван то гӯр мебояд расид.

* * *

Дидаи бедор, бедорам бикун,
Ай ҳуши ҳушёр, ҳушёрам бикун.

То набошам ғофилу ғафлатзада,
Аз худогоҳӣ хабардорам бикун.

То шиносам хешро дар асли хеш,
Рӯшанӣ дар зеҳну пиндорам бикун.

Ин ҷаҳон вайрону ман вайронатар,
Дар ҷаҳони рӯҳ эъморам бикун.

Айни шодӣ гар накардам ёди ғам,
Ҷовидон бар ғам гирифторам бикун.

Бар касе як зарра озорам расид,
Кулфати олам ҳама борам бикун.

Гар нагаштам хоки по дар роҳи ёр,
Мустаманди роҳи ағёрам бикун.

Гар надорам дӯст чун гул хорро,
Дар канори зиндагӣ хорам бикун.

Чеҳраам гулгун намуд аз шарм агар,
Заъфаронӣ рангу рухсорам бикун.

Чаҳди ман гар партави нуре нашуд,
Дар суроғи рӯшанӣ зорам бикун.

Ошиқам бар маргу дар лаб ҳарфи ҳақ,
Ҳамчу Мансуре сари дорам бикун.

Нуридин бесидқ як ҳарфе нагуфт,
Гуфт гар, маҳруми гуфторам бикун.

* * *

Баъди ман бе ман ҷаҳону ҷони манро ёд кард,
Баъди ман бе ман ҳама вайронаам обод кард.
Баъди ман бе ман ба ҷои холиям ҳайкал гузошт,
Баъди ман бе ман маро гӯё зи нав бунёд кард.
Баъди ман бе ман маро кай метавонӣ ёфтан,
Баъди ман бе ман маро садҳо ҳазор фарёд кард.
Баъди ман бе ман наёфт аз киштаҳоям донае,
Баъди ман бе ман агарчи хирманамро бод кард.
Баъди ман бе ман ба ман бас қиссаи беҳуда гуфт,
Баъди ман бе ман ба ман сад достон эҷод кард.
Баъди ман бе ман нагӯед Нуридинро, ки манам,
Чунки манро дар замони ман будан барбод кард.

* * *

Оҳ, аз атласи тан бӯи кафан меояд,
Оҳ, аз бими аҷал ларза ба тан меояд.
Оҳ, ин фасли баҳору гулу булбул гузарад,
Оҳ, бо фасли хазон зоғу заған меояд.
Оҳ, ободии чизе ба ҷаҳон боқӣ нест,
Оҳ, вайронӣ ба сад боғу чаман меояд.
Оҳ, айёми ҷавонӣ раваду пир шавем,
Оҳ, сад хорию зорӣ, ки ба тан меояд.
Оҳ, ин ҳар ваҷаби замин, ки бар мо ватан аст,
Оҳ, соҳибватано, ки беватан меояд.
Оҳ имрӯз, даҳони Нуридин пурсухан аст,
Оҳ, фардо ба лаҳад хоку даҳан меояд.

* * *

Биё, бо ҳам шароби ишқ нӯшем,
Чу масти ишқ мо бо ҳам хурӯшем.
Гирифта дасти ҳам, бар сӯи гулзор
Равему пераҳан аз гул бипӯшем.
Шавад бедор ҳисси хуфтаи шавқ,
Ба деги ҷисми худ чун шир ҷӯшем.
Шуда берун зи мулки ноумедӣ,
Самар уммед то бахшад, бикӯшем.
Тамоми ғуссаву ғамҳои олам
Ба як дам лаҳзаи шодӣ фурӯшем.
Ба мо розе зи ҳар ғавғо нагӯед,
Аз ин пас чаҳ–чаҳи булбул ба гӯшем.
Бақои Нуридин дар зиндагӣ ёб,
Ки рӯзе рӯи тобуте хамӯшем.

* * *

Аз гулистон не, зи як дашти пур аз хор омадем,
Маст на аз бӯи гул, бо ҷисми хуншор омадем.
Неъмати осудагӣ бегона буд аз баҳри мо,
Дигарон бедарду мо бо ҷони бемор омадем.
Аз фароғат мо напӯшида ду чашми худ даме,
Мардуме дар хобу мо бо чашми бедор омадем.
Бо сару пои пиёда дар тамоми тӯли умр
Аз раҳи пурпечутобе дар шаби тор омадем.
Ҳақ ба дил, ҳақ дар лабу ҳақ ҳаст дар паймони мо,
Ҳамчу Мансури Ҳалоҷе бар сари дор омадем.
Нуридинро, эй Худо, бо файзи раҳмат шод кун,
Аз фанову ваҳми фардо нақши девор омадем.

* * *

Аз талъати туст меҳру моҳам ширин,
Дар ёди ту сӯзу созу оҳам ширин.
Чун резиши зарҳали асал мерезад
Дар косаи чашми ту нигоҳам ширин.
Бар сӯи ту ман мудом роҳӣ будам,
Азми сафару масири роҳам ширин.
Эй ҷони азиз, шаб, ки бо ту будам,
Шаб буд лазизу субҳгоҳам ширин.
Гаҳ ҳаҷри ту дар вуҷудам оташ мезад,
Буд сӯзиши ҷони бе паноҳам ширин.
Аз ваъдаи қанди ту гаҳе хӯрдам фанд,
Афтода ба банди иштибоҳам ширин.
Зад Нуридино лоф, ки ту ёри вайӣ,
Бо ин лофаш рӯи сиёҳам ширин.

* * *

Аз фитрати бенангҳо афлокро нанг аст, нанг,
Аз дидаи дилтангҳо дори ҷаҳон танг аст, танг.
Аз хислати бемеҳрҳо дар синаҳо меҳр аст мор,
Аз назҳати бераҳмҳо дар сина дил санг аст, санг.
Аз соиши вазни ҳаёт хам гашта мо сӯи мамот,
Аз вазни бори зиндагӣ ҳар қомате чанг аст, чанг.
Дар водии дарду бало гаштам шаҳиди Карбало,
Дар дашт бинӣ лолаҳо аз хуни мо ранг аст, ранг.
Дар гӯши мо бефазлҳо гӯянд гоҳе ёваҳо,
Харро садои муддао дар ҳар куҷо ҳанг аст, ҳанг.
Гар Нуридин дар нимароҳ афтад, маҷӯ айбу гуноҳ,
Узраш пазиро ҳамсафар, ду пои ӯ ланг аст, ланг.

* * *

Маъзарат эй ҳамзаминон, ман зи даври мозиям,
Аз атои қисмати худ аз Худоям розиям.
То даме дорам асолат дар ҷавори асли хеш,
Хешро ҳақ медиҳам бар фахру сарфарозиям.
Ҳар дарахт аз решаи худ шуд ҷудо, монд аз самар,
Дур нест аз реша ҳаргиз барги навпардозиям.
Гул ба шоху буттаи худ бӯи хуштар медиҳад,
Пойбанди ин матал бошам ману худсозиям.
Ҳаст забони миллатам аз зумраи аҳли биҳишт,
Аз ҳамон ҷо манша гирад лаҳни хушпардозиям.
Нуридинро таъби сархуш аз майи хумби куҳан,
Масту махмур аз шароби Хоҷаи Шерозиям.

* * *

Дилбаре бо хушхиромӣ аз бари мо рахт баст,
Каф ба домонаш задем, то доманаш орем даст.
Бо шитобе домани худро кашид аз дасти мо,
Доманаш аз даст расту дасти мо сад ҷо шикаст.
Хостем, аҳволи худ пешаш биёрем арзае,
Бо лаби пурхандае бар ҳоли мо афшонд даст.
То ки раҳ ёбем, дар гирди сарояш гаштаем,
Ӯ дару дарвозаи худро ба рӯи мо бубаст.
Ақли моро зад ба ғафлат чун саробе ёди ӯ,
То ба худ боз омадем, хуршеди умри мо нишаст.
Нуридин, аз фанди дунё ҳастият додӣ ба бод,
Оқибат ин мешавад аҳволи ҳар дунёпараст.

* * *

Эй вой дар ин боғ ба ҷуз хор намондаст,
Нақше зи паю пояи гулзор намондаст.
Андар қафаси синаи кас нест диле ҳеч,
Гар ҳаст, чаро дилбару дилдор намондаст.
Чун қалъаи ҳар иззату икром хароб аст,
Дар мулки адаб бин, дару девор намондаст.
Мардум ҳама бекор ба ҳар кӯчаву бозор,
Гӯё ки дар ин даҳр дигар кор намондаст.
Аз хеш ҷудо гаштаву мо рӯ ба ҷунунем,
Девона фузун гаштаву ҳушёр намондаст.
Эй Нуридин о, замзамаи шеъру сухан бас,
Гардида сухан хору харидор намондаст.

* * *

Бар васл расад ишқ, фано мегарадад,
Аз шох, пазад мева, ҷудо мегардад.
Гар майли тамаъ бар тани кас ҳоким шуд,
Мардонагӣ аз мард ҷудо мегардад.
Ҳар феъли хуше ба хӯи бад омезад,
Побанди бади рӯю риё мегардад.
Доройӣ агар расад ба авҷи аъло,
Доро ба ҳарисие гадо мегардад.
Нуридини мо шефтаи онӣ ки аз ишқ
Дар рӯи замин рӯҳ ба само мегарад.

* * *

Танг акнун ҷомаи мо бар тани ҷон гаштааст,
Ҷон зи ин тангии ҷома зору ҳайрон гаштааст.

Созише дигар намебинам миёни ҷону тан,
Ин ҷудоӣ аз ғаму аз дарди ҷонон гаштааст.

Ҷон бихоҳад меҳри ҷонон, тан вале нони фаровон,
З-ин тафовутҳо ду ҳам муштӯ гиребон гаштааст.

Тан ба майли том хоҳад бистари осудагӣ,
Ҷон ба сад н-осудагӣ хоҳони ҷонон гаштааст.

Тан дамодам васл хоҳад бо ҳама кайфу сафо,
Ҷон ба хуни ҳаҷр рангин гул ба домон гаштааст.

Хайрамақдам мекунад тан ишрати дунёи дун,
Ҷон ҳавохоҳи тамошои гулистон гаштааст.

Тан, ки худ аз домани хок аст, хокӣ мешавад,
Ҷон, ки аз нур аст, аз ин тан пур гурезон гаштааст.

Нуридин, ки дар миёни ҷону тан ҳастӣ ҳакам,
Қадри ҷонро дон, ки тан ҳам зинда аз он гаштааст.

* * *

Бар машомам накҳати фасли баҳорон мерасад,
Ҳар тараф бар чашм мавҷи лолазорон мерасад.

Ҳамчу марвориду марҷон аз кафу домони абр
Бар замин пайваста фавҷи резаборон мерасад.

Дар нумӯ ҳар синаи офардаро ояд умед,
Шарбати мақсад ба ҷоми интизорон мерасад.

Зиндагӣ яксар садои шодмонӣ мекунад,
Хониши мурғони шӯх аз шохсорон мерасад.

Медиҳад оро гули навруста бехи зулфро,
Тӯҳфаҳо бар гулрухон аз дӯстдорон мерасад.

Қул-қули рӯди равон созад навозиш гӯшро,
Ин садо ӯро зи ҷӯши чашмасорон мерасад.

Мезанад фаввора бӯғи нармак аз рӯи замин,
Ҳамчу тоби гарми оғӯши нигорон мерасад.

Мефишонад пурҳарорат нур хуршеди зарин,
Деҳқонро шавқу завқи киштзорон мерасад.

Нуридин хуб аст табъу завқи зебопарварат,
Акси рози ту зи сӯи кӯҳсорон мерасад.

* * *

Талх бар бадбахтии имрӯзиён бояд гирист,
Бо ду чашми хунфишон аз мағзи ҷон бояд гирист.
Оташе, ки дар сарои ин ҷаҳон афтодааст,
Бо ҳама уқёнусу баҳри дамон бояд гирист.
Одамӣ аз одамии хеш берун по ниҳод,
Бар чунин роҳи хатои бекарон бояд гирист.
Чун замин гашта харобу осмонро пора кард,
Бар харобии замину осмон бояд гирист.
Ҳар чи буд дирӯза меросе, кунун барбод дод,
Бар чунин барбоди мероси Каён бояд гирист.
Гашта маснуъи вуҷуди фитрати инсони давр,
Бо чунин гум карда асли ҷовидон бояд гирист.
Нуридин тӯфони Нӯҳе медамад аз дидагон,
Баҳри фардоён ба чашми осмон бояд гирист.

* * *

Эй замин, файзи замонамро бидеҳ,
Эй замон, амни ҷаҳонамро бидеҳ.
Эй баҳор, пачмурдаҳоямро бубар,
Сабзиҳои бехазонамро бидеҳ.
Эй забони рози пурэъҷози ман,
Шеваи арзи баёнамро бидеҳ.
Боди ёд аз куи ёри ман биёр,
Накҳати ишқи вазонамро бидеҳ.
Нашканад то қоматам аз бори ҳаҷр,
Ченаки адли мизонамро бидеҳ.
Зиндагиям пок бошад бо намоз,
Нуридин, бонги азонамро бидеҳ.

* * *

Балои ишқ омад, бар сарам рехт,
Бало бо бӯи гул дар пайкарам рехт.
Рабуд аз ман қарору сабри ҷонам,
Ба сӯзу тобу таб дар пайкарам рехт.
Нигоҳи масту махмурам зи ман бурд,
Ба ҷояш ашк аз чашми тарам рехт.
Бидодам ташнагие то қиёмат,
Қиёми ташнагӣ дар соғарам рехт.
Насӯзад Нуридин аз нори сӯзон,
Наҷоти ваъда оби кавсарам рехт.

* * *

Таскин мадеҳ азизам, гарчи фиреби хуб аст,
Чун зини бесаманди зебову нуқракӯб аст.
Оне фиреби худ хурд, дар нимароҳи худ мурд,
Ҳар нахли бебару бор хушкида ҳамчу чӯб аст.
Қадре наёфт нокас дар зиндагӣ чу як хас,
Ҷорӯб пушти дар монд ҳарчанд хонарӯб аст.
Дар интиҳои давлат ҳар кас, ки мехӯрад лат,
Ин аст расми қисмат ду дасти мушткӯб аст.
Аз талъати амонӣ зебост зиндагонӣ,
Савту навои ҳар чанг овози тиру тӯп аст.
Чун офтоби тобон умрат равад шитобон,
Одам ба вақти пирӣ хуршеди дар ғуруб аст.
Эй Нуридин, бикун сабр дар ҳар балову ҳар ҷабр,
Ҳар кас кунад таҳаммул, дар шаън чун Аюб аст.

* * *

Эй боди пур аз накҳати хуш, бӯи кӣ дорӣ,
Эй рӯди равон, лаҳни сухангӯи кӣ дорӣ?!
Эй чархи фалак, маскани асрори кӣ ҳастӣ,
Эй моҳи ҳилоле, хати абрӯи кӣ дорӣ?!
Эй дил, ки ту аз синаи ман гаштаӣ берун,
Азми сафар аз синаи ман сӯи кӣ дорӣ?!
Эй чашм, ки пӯшидӣ нигоҳ аз ҳама олам,
Уммеди нигаҳ ба рухи хушрӯи кӣ дорӣ?!
Эй ашк, ба рухсораи ман меравӣ чун ҷӯй,
Обат зи куҷо, маншаи сарҷӯи кӣ дорӣ?!
Осуда наӣ, Нуридин, аз лӯъбати дунё,
Оромию осудагӣ дар кӯи кӣ дорӣ?!

* * *

Бибӯсам хокдони остонат бо лаби ҷонам,
Қадамгоҳи ту созам пардаи болои чашмонам.
Аланга мезанад ин пайкарам аз тоби меҳри ту,
Саропои вуҷудамро ба ин оташ бисӯзонам.
Пас аз сӯзиш шавад хокистарам чун хоки рӯи раҳ,
Чу хоки рӯи раҳ онро ба боди ёдат афшонам.
Шавад ҳар зарра хокам даврзан андар ҳавои ту,
Бисозӣ дар диёри ишқи худ паҳну парешонам.
Ҳама савдои дунё оқибат дорад пушаймонӣ,
Аз ин савдо макун дар лаҳзаи охир пушаймонам.
Агарчи Нуридин дар зиндагӣ бишкастапое буд,
Вале бо аҳду паймонам, набишкан аҳду паймонам.

* * *

Шодӣ ҳама аз ту, чашми гирён аз ман,
Ҷон аз туву ҷисми зори беҷон аз ман.
Сад нуру фурӯғи бахти хандон аз ту,
Сад сӯзу фироқи доғи пинҳон аз ман.
Чун лола ҷамоли ҳусни рангин аз ту,
Ду дидаи хучаки ба домон аз ман.
Субҳу ҳама рӯзи нурафрӯз аз ту,
Бе моҳу ситораҳо шабистон ман.
Аз ганҷи фараҳ ризқи фаровон аз ту,
Аз нақди насиба хони бе нон аз ман.
Бар аҳд вафо накардан аз ҷониби ту,
Ҳаҷре, ки наёфт васлу сомон, аз ман.
Аз Нуридинат ёди фаромӯш аз ту,
Шеъре, ки ба ёди туст аз ҷон, аз ман.

* * *

Аз ғами як пора дил андар ҷаҳон садпораам,
Бо ҳама сад чора дорам, лек худ бечораам.
Бастаам тори умеде сад ҳазорон дар ҳаёт,
Худ ҳамоил бар сари як риштаи яктораам.
Қоматам тобутзеб афтода андар чашми ақл,
Лек ғофил то кунун чун тифли дар гаҳвораам.
Манзилу ҷоям агар андар диёри хеш ҳаст,
Дар раҳи ноошное ҳар замон овораам.
Эй, ки мепурсӣ чӣ дидӣ дар ҳаёт аз умри хеш,
Субҳаке то шом баста нақш дар наззораам.
Нуридин, аз чашми ту рафтаст нуру рӯшанӣ,
Зинда бошам ҳам, маҷӯ аз осмон истораам.

* * *

Сари шӯридаам шӯридаанд аз лои ишқи ту,
Ба ин сар сачда меорам кунун дар пои ишқи ту.
Набошад ишқи ту, ҳаждаҳ ҳазор олам чӣ кор ояд,
Ту будиву ту ҳастию ҳама савдои ишқи ту.
Зи дирӯз аст имрӯзам ба уммеди ту зеботар,
Зи имрӯзу зи дирӯзам хушо фардои ишқи ту.
Сари ҳар як нафас меҳри ту дар қалбам биафзояд,
Ачаб мӯъчизае шавқи ҳавасафзои ишқи ту.
Ба теғи сидқ куштӣ шубҳаро дар мулки имонам,
Ба худ аз дӯсту душман кунам даъвои ишқи ту.
Зи аршу фарш мастона ба ёди ту хурӯш ояд,
Ҳама ҳастем сармаст аз маю минои ишқи ту.
Баландӣ ёфтан як умр мебошад муроди дил,
Баланд астӣ зи баски маснаду маънои ишқи ту.
Забонӣ нею чонӣ Нуридин дорад таманноят,
Зи мағзи чону дил ман волаю шайдои ишқи ту.

* * *

Бо ёди рӯз ҳар шаби худро саҳар кунед,
Аз равзани саҳар ба ҳама хуш назар кунед.
Хуршед чун ба точи зараш ҳокимӣ ба рӯз,
Хуршедвор нури хирадро ба сар кунед.
Шабнам ба рӯи ҳар гияҳ аз раҳмати Ҳақ аст,
Бо ёди лутфу раҳмати Ҳак рӯй тар кунед.
Ҳастед раҳгузар зи раҳи умри даргузар,
Чуста раҳе зи кӯчаи дилҳо гузар кунед.
Маҳфуми хӯрду хоби гуворост дарду марг,
Аз ганчҳои илму амал бору бар кунед.
Дорад Худо нигоҳ аз он бепадар будем,
Шукрона аз саодати панди падар кунед.
Худхоҳият чудо кунад аз ёри чонният,
Бегонаро ба лутф чу чону чигар кунед.
Панде дароз гуфт Нуридин агар зи шавқ,
Мағзаш ба нафъи хеш аз ин мухтасар кунед.

* * *

Аз қаҳри Худову ранҷи модар тарсед,
Аз синаи раҳм, ранҷи хоҳар тарсед.
Ҳар ҳаққ ба ҳукми Ҳақ ба ҳаққдор расад,
Аз тақсими ҳаққи нобаробар тарсед.
То оғуши фитнабори дунё хок аст,
З-он пеш шавед хокбарсар, тарсед.
Бар қадри зани азизу фарзанд расед,
Аз пирию бекасию ёвар тарсед.
Дар соҳили осудагӣ андеша кунед,
Аз мавҷаву дасти ношиновар тарсед.
Якрӯяву якрояву якдил бошед,
Ах хатми дуроҳаи мухайяр тарсед.
Дар дафтари Нуридин надидед чу панд,
Аз дафтари шеъри бесару бар тарсед.

* * *

Ба ҷонам файзи ишқи хушгуворе,
Бувад дар сина қалби беқароре.
Бикардам мӯқалам тири нигоҳам,
Гирифтам ранг аз ранги баҳоре.
Ба лавҳи хотири оинаворам
Кашидам сурати зебо нигоре.
Чу рамзи нози шармолуди иффат,
Бикардам ранг рӯяш лолазоре.
Парешон гесуям тасвир кардам
Ба сони резучоши обшоре.
Нигоҳи беғашашро ранг додам,
Ба покӣ осмони беғуборе.
Кашидам абруву миҷгони ӯро
Ба тоби махмалини сабзазоре.
Ба лутфи нозук андоми безебаш
Ғизоли дар хироми кӯҳсоре.
Надорад Нуридин бок аз зимистон,
Нигори ӯ саропо шуд баҳоре.

* * *

Зиндагӣ, аз шарарат хушкию тар месӯзад,
Ҳар замон шӯълазани зеру забар месӯзад.
Об ҳам мешавад оташ зи табу сӯзиши ту,
Ашки тар рӯ зада, рухсораи тар месӯзад.
Бал бувад ҳомили оташ ба назар сабз баҳор,
Сурх аз лола ҳама кӯҳу камар месӯзад.
Субҳ то шом бубинем ҳама рӯз мудом,
Қурси хуршед ба сад нуру шарар месӯзад.
Тафти айём кунад ранги хазон ҳусни ҳама,
Чеҳра дар оинаҳо пеши назар месӯзад.
То бибахшад ба дили тирагӣ аз нур сафо,
Шамъ нури азалӣ карда ба сар, месӯзад.
Нуридин манзараи сӯзиши дунё дида,
Пора-пора ба танаш ҷону ҷигар месӯзад.

* * *

Чун чароғи шӯълаларзон дар раҳи бодем мо,
Дар раҳи боди фаноори ғамэҷодем мо.
Оҳи сарду мекашем аз дил фиғони бесадо,
Дар гулӯи зиндагӣ печида фарёдем мо.
Пеш аз он, ки устухони мо фурӯ резад ба хок,
Манзари як диданӣ дар манзари ёдем мо.
Рӯҳии мо андар тани мо бандию зиндагонӣ аст,
Ҳар дам андар зиндагӣ мӯҳтоҷи имдодем мо.
Ҳайф созад пайкари мо бистару болини қу,
Хок будему шавему гарди барбодем мо.
Кай ҳамедонем, нодонем дар дунёи дун?
Нуридин, дар илми ғафлат сахт устодем мо.

* * *

Биё, бо барги гул бодат кунам, ёр,
Биё, бо меҳри дил шодат кунам, ёр.
Наой, аз ғаму ҳаҷрат бимирам,
Биё, бо ишқ фарёдат кунам, ёр.
Чу гарде умри моро мебарад бод,
Биё, дар ёд ободат кунам, ёр.
Ману ту бе ҳам ороме наёбем,
Биё, дар хеш ороматт кунам, ёр.
Ҷаҳони коми ман аз туст ширин,
Биё, ки шаҳд дар комат кунам, ёр.
Каломи Нуридин зеби ту дорад,
Биё, ин шеър бо номат кунам, ёр.

* * *

Рафт аз умрам баҳорону хазонам мерасад,
Аз намози шоми умр авҷи азонам мерасад.
Дер шуд бедор, ҳайфо, ақли хоболудаам,
Ҳайф-ҳайфи умри рафта аз ниҳонам мерасад.
Мӯи қатрони сиёҳам гашт чун барфи сафед,
Сардии пирӣ ба мағзу устухонам мерасад.
Меравад тири умед аз чашми ман акнун хато,
Лаҳзаи бишкастани тиру камонам мерасад.
З-оташи ҳар хандаи мастонаи дирӯзаам
Оҳдуде ин замон бар осмонам мерасад.
Қомати хамгаштаамро мефишорад ҳамчу кӯҳ,
Тӯҳфаи ҷурми гунаҳ бори гаронам мерасад.
Монда аз пои равону ашки чашмонам равон,
Фурсате монда, ки тобути равонам мерасад.
Нуридин, таслим шав бар ҳазрати қисмат, яқин,
Ҳар чи буд дар дег, аз кафлес онам мерасад.

* * *

Зикрат ба лабон, рӯзу шабон ёди ту дорам,
Фориғ зи ғами ҳарду ҷаҳон, ёди ту дорам.
Ёди ту зи ман бурда тафовут, ки чӣ фасл аст,
Ҳамвора баҳореву хазон ёди ту дорам.
Хобам ҳама ёди туву бедорӣ ба ёдат,
Истода манам ё ки равон, ёди ту дорам.
Гуё ки ҳама бод кунад ёди ту фарёд,
Чун бод ба сад шӯру фиғон ёди ту дорам.
Дар дидаи ман ҷуз рухи ту акси дигар нест,
Ҷӯям зи ту аз ҳарчи нишон, ёди ту дорам.
Дунёи Нуридин бувад аз ёди ту обод,
Пайваста ҳама давру замон ёди ту дорам.

* * *

Кокулони мушкафшон карда афшон, шом ояд,
Чашмҳояш ахтарони поку рахшон, шом ояд.
Аз ҳарими пардаи ӯ сад ҳазорон роз хезад,
Маҳфили пурэҳтироси роздорон, шом ояд.
Дар фалак моҳи ҳилолаш нақши абрӯи нигорон,
Ёдбахши чеҳраи хушрӯи ёрон, шом ояд.
Аллаест аз арш то фарш ҳастиро бахшад фароғат,
Раҳмате аз лутфи беҳамтои Раҳмон, шом ояд.
Рӯз агар бошад падар, шаб модари ғамхораест,
Бо навозишҳои беҳ аз модари ҷон, шом ояд.
Нуридин, зебоии шом оварад бо хеш илҳом,
Сар ба пояш ҳуснрезон, хуш хиромон шом ояд.

* * *

Баччагӣ чун шоҳзода тоҷ бар сар ёдам омад.
Олами бедарду беғам бори дигар ёдам омад.

Бӯи дӯғи навкашида дар димоғам зинда карда,
Чахчуву чағдеги пур аз файзи модар ёдам омад.

Тоқии гулдӯзии нақшини хоҳар дар сари ман
Ҳамчу гулрӯи баҳорон меҳри хоҳар ёдам омад.

Аз миёни кӯчаи деҳ бигзарам бо сад хаёле,
Бозиҳову чеҳраи хушрӯи додар ёдам омад.

Ду бағал пур кардаам аз себҳои шоҳии боғ,
Боғи бобоии пур аз меваи тар ёдам омад.

Шири певоз лаб ба лаб дар хурмаи ҳамсоязанҳо,
Ченаки модаркалонам–чӯби бовар ёдам омад.

Қоқфатири тиракиро баста дар пуштам ба шодӣ,
Аз пайи молон давидан лаб-лаби ҷар ёдам омад.

Кош мекардӣ Худоям баччагиро ҷовидона,
Нуридинро умр рафту хок бар сар ёдам омад.

* * *

Шавам қурбони эҳсоси ту ман, эй марди кӯҳистон,
Бувад сарчашмаи эҳсоси ту аз покии имон.

Качиҳои ҷаҳон дар чашмҳоят рост метобад,
Аз он ки рост гӯӣ, ростӣ дар аҳду паймон.

Диле дар рӯи каф дорӣ пур аз меҳру вафову сидқ,
Надорӣ розу асроре зи чашми дигарон пинҳон.

Ҳама касро зи худ боло шуморӣ аз сари лутфе,
Ба ин сон хоксорият ба хоки остон яксон.

Дару девори ҳастият ҳамеша бӯи хуш дорад,
Чу бӯи ҳар гиёҳи навдамида дар машоми ҷон.

Надорӣ бар касе миннат на миннат аз касе дорӣ,
Бароят бӯриёят беҳтар аст аз тахти сад султон.

Дуоят мустаҷоб аст аз сафои ҳалқи поки ту,
Ҳамеша мехурӣ аз меҳнати поку ҳалолат нон.

Ғаму шодии ту омехта дар зиндагӣ бо ҳам,
Зи хубӣ шукр гӯиву ба бад ҳам шукри бепоён.

Ҳамеша Нуридин бар зиндагии беғашат мафтун,
Шуморад ӯ туро дар зинадгӣ зеботарин инсон.

* * *

Ин қадар монанду ҳамоҳанг бошад нону ҷон,
Бобақо ҷон бошад аз таъми хуши волои нон.

Ҷону имон меравад аз пайкари ҳар зиндае,
Нон агарки канда гардад, эй азизон, аз даҳон.

Дар ҷаҳон дороиҳои қимат афзун дидаам,
Лек қиматтар зи ганҷи нон набошад дар ҷаҳон.

Каҳкашонҳои фалак бо ахтарон монанди чист,
Пошхӯрда хирмани гандум ба рӯи осмон.

Шукри ободии ин ёру диёр ояд ба лаб,
Бӯи нони гарм ояд аз дари ҳар хонадон.

Дасти пуробилаи деҳқон аҷаб бӯсиданист,
Ҳамчунон холи фатире, ки бувад дар рӯи хон.

Нуридин хоҳад, ки созад шеъраке бо таъму бӯ,
Кулчаи ширмолро орад ба ёди одамон.

* * *

Бар дидани афсонаи зебои диёр,
Эй дӯст, биё, чашми тамошо ту биёр.

Олуча аҷаб ба шохаҳо пухта қатор,
Чун муҳраи каҳрабои кампири Анор.

Аз жарфи ҳавои дур бар гӯш ояд
Овозаки ҳуд-ҳуде аҷаб хотирабор.

Пире ба фароғи том пинак рафта
Дар сурфаи соярези салқини чинор,

Дар дида сафои осмонаш тобон,
Чун чашми кабуди масту махмури нигор.

Дар манзараи ҳар дарааш шаршарае,
Чун кокули резу чош дар шонаи ёр.

Он гуна ки аз кӯза ҳамерезад шир,
Дарёчаи Дуоба равон оинавор.

Дар гармии офтоби сӯзон аҷаб аст
Бинмуда насими сардаке гаштугузор.

Кӯҳи Истоку деҳаи Шаҳринавам,
Як модари хуштолеъу тифле ба канор.

Дар фасли тамуз нисфирӯзи деҳа
Дар дидаи Нуридин чунин ёфт қарор.

* * *

Рӯзҳои рӯзадорӣ ёдам омад дилситонам,
З-ин сабаб ташбеҳ гашта хӯрданиҳо дар баёнам.

Деги табъам ҷӯш омад дар алови иштиҳоям,
Ишқи ӯ қаймоқ баста хуш ба рӯи шири ҷонам.

Буд ду рухсори ақиқаш гӯӣ шафтолуи сероб,
Чун наботе шӯша баста номи ӯ андар забонам.

Рӯи ӯ чашмам гирифта ҳамчу нони ширмоле,
Ёди ӯ чун қунди маска андаруни устухонам.

Чун мураббо ёдам омад хандаи зебандаи ӯ,
Шарбати меҳраш намуда то абад ширин даҳонам.

Он қадар бомазза буд ӯ ҳамчу таҳмоли пур аз мағз,
Бо камоли гушнаҷонӣ ман ба хонаш меҳмонам.

Кишмиши холи сиёҳаш дар ҳаловат лаълии рӯш,
Ҳамчу олуе ду чашмаш боғи эҳсонаш бихонам.

Нуридин ифтори васли дилситонат дур мондаст,
Ҳаҷри ӯ мурчу қалмфур, ман аз ин ашке фишонам.

* * *

***Ба додари шоиру фозилам Алишери Муҳаммадӣ***

Меҳри ту дар сина дорам ҳамчу ёвар, додарам.
Ёваре, ки медиҳад дар сидқ бовар, додарам.

Шом бошад ин ҷаҳон аз маншаи нобоварӣ,
Бовариву ёварист афтоби ховар, додарам.

Манбаи бунёди хушэъмори олам нур буд,
Ҳеҷ манзар нест бе нуре мусаввар, додарам.

Рӯи нуронии ту ду чашмро рӯшан кунад,
Нурборе фикру атвори ту дар сар, додарам.

Ҳар суханфаҳму сухандон дар ҷаҳон хуни дил аст,
Мову ту дар хуни қалби худ шиновар, додарам.

Ноумед аз қимату қадри сухан ҳаргиз машав,
Қадри зебои сухан боло баровар, додарам.

Ҳеҷ заҳмат аз Худо зинҳор беподош нест,
Медиҳад аҷри ҳама як рӯз довар, додарам.

Дар сари худ хуррамии ҷовидонӣ парварон
Ту ба рағми ҳар даме бошад ғамовор, додарам.

Кардаҳо нокардаву нокардаҳо бин, карда нест,
Буда бо нобуда бошад кай баробар, додарам,

Дар сари паймонаҳои бурдубори зиндагӣ
Бар ту хоҳад Нуридин саршор соғар, додарам.

* * *

Ҳама афсонаи дунё шаби ман,
Ҳарами ишқу таманно шаби ман.

Соқии базми ман он моҳи фалак,
Бода андешаву мино шаби ман.

Дорад асрори гуворову азиз,
Ваҳ, чӣ ширину гуворо шаби ман.

Ғарқ созад ҳама ҳастии маро,
Бизанад мавҷ чу дарё шаби ман.

Аз хушу нохушии бигзашта
Бидиҳад ҳар нафас ово шаби ман.

Ба ҳамон ҳашмати поки азалӣ
Бикашад сар ба сурайё шаби ман.

Ҳар фаромушшуда бар ёд орад,
Бикунад гумшуда пайдо шаби ман.

Ману шаб мунҳали оғӯши ҳамем,
Ғамшарики мани танҳо шаби ман.

Ин маро дар дили шаб дарёбед,
Нест такрор ба фардо шаби ман.

Ҳар гаҳе, ки бидамад партави субҳ,
Биравад зуд, дареғо, шаби ман.

Нуридин, манзари шаб дидагаҳат,
Ахтарон дидаи бино, шаби ман.

* * *

Дар хаёли рӯзгорон ёди Боқӣ боқӣ аст,
Дар шукӯҳи кӯҳсорон, ёди Боқӣ боқӣ аст.

Васф карда хубу зебо обшорони ватанро,
Дилрабо чун обшорон ёди Боқӣ боқӣ аст.

Хоки пои халқи худро тӯтиёи чашм мехонд,
Чун рухи фасли баҳорон ёди Боқӣ боқӣ аст.

Кай равам сайри Самарқанду Бухоро бе ту, гуфт,
Чун ду шаҳри ёдгорон ёди Боқӣ боқӣ аст.

Саргузашти Соқияш аз сидқ хандонад ҳама,
Гултабассум бешуморон, ёди Боқӣ боқӣ аст.

Чун дугоник ҳар замон паҳлӯи Турсунзода буд,
Дар миёни қаҳрамонон ёди Боқӣ боқӣ аст.

Ёди ӯ дорад ҳазорон маҳфили шеъру адаб,
Махфилорои ҳазорон, ёди Боқӣ боқӣ аст.

Нуридин, то умр боқӣ аст, Боқӣ боқияст,
Аз барои дӯстдорон ёди Боқӣ боқӣ аст.

* * *

Нуридинам, роҳи худ равшан ба нури дин кунам,
Нури динро партаве дар зулмати ботин кунам.

Дар ҷаҳон оина бисёру набинам рӯи худ,
Акси худро нақш дар оинаи оин кунам.

Дар ҷаҳон ширин садоҳое бувад паҳну париш,
Гӯши худро ман фидои сураи Ёсин кунам.

Дар гулистони ҳавас гулҳо шукуфта ранг-ранг,
Хори мақсад баҳрам авлову варо гулчин кунам.

Хоби ширин мебарад моро ба ғафлат сӯи марг,
То нахобам, то намирам, сангро болин кунам.

Ҳарчи боло меҷаҳад, охир ба поён мехамад,
Ин сари болои худ то хок ман поин кунам.

Эй бародар, ҳар дуо бошад калиди лутфи Ҳақ,
Дар ҳақи мо кун дуо дудаста то омин кунам.

* * *

Ду кафши кӯҳнаат дар пушти дар нест,
Ба гӯш овои қудсият дигар нест.
Аё модар, ту рафтӣ, бурдӣ аз мо,
Ба қалбам хуну обе дар ҷигар нест.
Ҳама шодӣ зи пушти тобутат рафт,
Дигар гулханда дар рӯи падар нест.
Зи боми хона дуди ҳузн хезад,
Дигар зебоие дар бому дар нест.
Нигоҳам карда гум фарқи ҳама чиз,
Бароям назҳати шому саҳар нест.
Бароят хоҳарам ҳар дам бигиряд,
Ба ғам чун мо касе олудатар нест.
Муборак Нуридин доғи ятимӣ,
Туро ҷуз ғам дигар кори дигар нест.

* * *

Сабақ гирем аз дунёи замбӯр,
Шавад дастур моро то лаби гӯр.
Ба чизеву касе коре надорад,
Ба ҷуз овардани шаҳд аз раҳи дур.
Висоли ҳар гуле бар гул расонад,
Ба овози хуши монанди танбӯр.
Майи шаҳдаш асал бигрифта ном аст,
Шифобахшанда бе дорую духтур.
Зияд талху фақат ширинӣ орад,
Аз ин рӯ дар ҷаҳон гардида машҳур.

* * *

Дар ҷӯи вуҷуди ту магар хуни самар нест,
Дар боғи ҳама умри ту як муғҷаи бар нест.

Гӯӣ, ки ту ҳам ҳастӣ яке узваки ҳастӣ,
Аз ҳастии ту дар аҷабам, ҳеҷ хабар нест.

Дунёи дилат шабзадаи пардаи зулмат,
Судат зи дусад шаъшааи шамсу қамар нест.

Аз хоки сияҳ будаиву пасттарӣ з-он,
Дар рӯзи пушаймонии ту хок ба сар нест.

Дар ҳолати нокомии домангири аҷдод
Хушбахтии кас мояву мероси падар нест.

Ҳар лаҳза туро пайраҳаи зудгузар бод,
Аз он гузарӣ дон, ки гузар бори дигар нест.

Бо шеваи талх айби туро гуфт Нуриддин,
Ҳарчанд ки дар гуфтани айб шеър ҳунар нест.

* * *

Бадгумонӣ дарди заифмонияст,
Дар ғами беҳудае дармонияст.

Мебарад ҳар як гумоне бар гуноҳ,
Аз гумон бори гуноҳ арзонияст.

Фарди доноро гумон нодон кунад,
Ҳар хатое меваи нодонияст.

Мекушад андешаро дар сар гумон,
Кори беандеша ин ҳайронияст.

Дар гумон умрат намояд ҷовидон,
Лек ҳасти маънияш меҳмонияст.

Бадгумонҳо мекунанд аъмоли бад,
Кулли бадаъмолиҳо бадномияст.

Бар гумон побанд гардад ҳар касе,
Дар назар озоду худ зиндонияст.

Бадгумонӣ, Нуридин, моли гадост,
Хушгумонӣ сарвати султонияст.

* * *

Санъати омӯзгорӣ заргарист,
Заргарӣ дар ҷавҳари одамгарист.
Офарад ӯ зиннати илму ҳунар,
Офаринишаш тамадунофарист.
Сурати фардост дар чашмони ӯ,
Даъваташ бар рӯзи фардо боварист.
Медиҳад илми куҳанро тоби нав,
Матлабу мақсуди ӯ навоварист.
Кони имдоде ба ҳар имдодҷӯ,
Бар ҳама дасташ дарозу ёварист.
Ҳар ки қадри ӯ надонад, бегумон,
Асли таъбири гуноҳаш кофарист.
Нуридин, фазлу фазолат то абад
Аз муаллим дар ҷаҳон ёдоварист.

* * *

Ҳама кори ҷаҳон сарбаста дидам,
Ҳама аҳли ҷаҳонро хаста дидам.
Ҳама бори ҷаҳон аз ғуссаву ғам,
Ҳама қомат аз он бишкаста дидам.
Ҳама зӯрони тахти зарнишинро
Ба хоку хуни худ биншаста дидам.
Ҳазорон дар ба сӯи ганҷ во буд,
Ба рӯи ворисонаш баста дидам.
Бидидам тирамаҳро дар баҳорон.
Хазони майсаи навраста дидам.
Агарчи одамон аз ҳам ҷудоянд,
Вале ғамшон ба ҳам пайваста дидам.
Ба шӯри зиндагонӣ Нуридинро
Ба дасташ хорро гулдаста дидам.

* * *

Дар шаби тори сиёҳи мӯи ту
Партав афкандаст моҳи рӯи ту.
Медурахшад бо ҷилои нозанин
Ҷуфти ахтар аз хами абрӯи ту.
Ҳусни ту аз ҳусни шаб зеботар аст,
Рӯз ҳам рӯ мезанад аз кӯи ту.
Коми мо хушкида аз хушкомиҳо,
Тар шавад аз оби васли ҷӯи ту.
Бар машомам мерасад бӯи биҳишт,
Накҳате аз ёди анбарбӯи ту.
Бо ҳама халқи ҷаҳон танҳо манам,
Гар нагирам ҷой дар паҳлуи ту.

* * *

Бар шоми танҳои дилам
Меҳрат чароғе мебарам.
Аммо зи дуриҳои ту
Дар сина доғе мебарам.
Пушти дарат бар рӯи ман,
Чашмам ба роғе мебарам.
Бӯи хушат ояд ба ёд,
Худро ба боғе мебарам.
Ҳар гул, ки бӯидам зи ӯ,
Аз ту сароғе мебарам.
Бе ту ба гӯшу сози дил
Овози зоғе мебарам.
Чун шамъ Нуриддин бисӯхт,
Дуду димоғе мебарам.

* * *

Моҳи хирманзадаи рӯи туро ёд кунам,
Анбарин марғулаи мӯи туро ёд кунам.

Талъатат дар назарам монда мусаввар доим,
Лабу рухсораву абрӯи туро ёд кунам.

Ҳавасам ҳеҷ зи гулзори рухи ту нашикаст,
Дар машомам ҳама дам бӯи туро ёд кунам.

Бо ҳама халқи ҷаҳон бе ту тани танҳоям,
Бо туву шиштани паҳлӯи туро ёд кунам.

Мурғи ҷонам зи азал доначини холи ту буд,
Холи як донаи ҳиндуи туро ёд кунам.

Гӯши манро зи ҳама соз хуш овози ту буд,
Шеваи ширини хушгӯи туро ёд кунам.

Ман ки раҳгумзадаам бар раҳи кӯи дигаре,
Ошно пайраҳаи кӯи туро ёд кунам.

Бе ту хушрӯ назари Нуридинат кӯр бувад,
Сар ба по ҳастии хушрӯи туро ёд кунам.

* * *

То даме дил метапад, мо дар таманнои занем,
Хаймазан дар боғи хуби ҳусни зебои занем.

Бе зани маҳбуб маъние надорад зиндагӣ,
Пушти по дунёзану побанди дунёи занем.

Зери пои модару зан ваъдаи роҳи биҳишт,
Роҳҷӯ сӯи биҳишт аз дашти паҳнои занем.

Гар занад чашмак занона ахтаре аз осмон,
Бар фалак худро зада мафтуну бинои занем.

Мутриби хушзан занад дар парда савти меҳри зан,
Бодазан аз соғару сармасти минои занем.

Худ зада лофе ба доноӣ, ки нодон аст зан,
Умрҳо донишпажӯҳи ишқи донои занем.

Чун занад зан дар миёни нуни абру холи бе,
Бо ҳавас мо ҳафтхони хатти хонои занем.

Нест дунё, Нуридин, бе зан гуворову писанд,
Мо ҳама зиндонии якумри дунёи занем.

* * *

Чун фиребу кизбро парварда дар пиндори худ,
Сад хато такрор шуд дар умри нотакрори худ.

Дар танӯри зиндагӣ тобем пухта дар назар,
Бӯи хомӣ мерасад аз фитрату афкори худ.

Сояи мо баҳри мо умре муаммо дар замин,
Пас чӣ ёбем аз само мо сояи асрори худ?!

Ҳамчу хобе ёд монад рафтаҳои умри мо,
Гарчи дидем он ҳама бо дидаи бедори худ.

Ҳар нафас гуфтем аз девори кач, ёрон, ҳазар,
Ғофил афтодаем, аммо зери качдевори худ.

Таън бигрифтем ҳар ҷо бар шарафбифрӯхта,
Лек бифрӯшем арзон нанг дар бозори худ.

Қасри осори ниёгон карда бисёре хароб,
Лек хиште кай ниҳода аз пайи эъмори худ.

То набинем ин ҷаҳонро аз баландиҳои фазл,
Нест суде бингарем аз қуллаи кӯҳсори худ.

Нуридин бедуд сӯзад дар сари андешаҳо,
Аз шарори бешумори оҳи оташбори худ.

* * *

Қасам бар ҳиммати болотарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз болоият майле ба болое нахоҳам кард.

Қасам бар ҳикмати донотарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз доноият майле ба доное нахоҳам кард.

Қасам бар қимати волотарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз авлоият майле ба авлое нахоҳам кард.

Қасам бар неъмати волотарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз волоият майле ба волое нахоҳам кард.

Қасам бар санъати зеботарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз зебогият майле ба зебое нахоҳам кард.

Қасам бар лаззати аълотарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз аълоият майле ба аълое нахоҳам кард.

Қасам бар даъвати мавлотарини зиндагони ишқ,
Ба ҷуз мавлоият майле ба мавлое нахоҳам кард.

Қасам бар ин сари савдоият, эй Нуридин, бар ишқ,
Ба ҷуз савдоият майле ба савдое нахоҳам кард.

## РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

Имшаб ба фарози кулбаам маҳтоб аст,
Бедордиле фақат чу ман Сурхоб аст.
Ду дида напӯшам ба раҳи субҳи Худо,
Лаззат зи тулӯи субҳдам ноёб аст.

Андеша тамоми умр ин пешаи мост,
Дар хоки бақои олам ин решаи мост.
Ҳар гаҳ, ки бурун зи роҳи андеша шавем,
Он рӯз яқин, ки теша бар решаи мост.

Аз арзи вуҷуди хеш ҳайрон, одам,
Умрат ҳама чун хоби парешон, одам.
Дорӣ ба ҷаҳон даъвии ҷовид будан,
Дар хонаву хони хеш меҳмон, одам.

Аз фарш агар ба арш боло бишавӣ,
Бар шуҳрату шон молику мавло бишавӣ.
Дар ботини мақсуди ту гар ҷавҳар нест,
Хокистарӣ ту, агарчи тило бишавӣ.

Эй пои ту дармондаву овеза ба гӯр,
Ду чашми ту хирабину орист зи нур.
Ҳам дар тани ту мурда ҳама файзу сурур,
Ҳам бар сари ту аҷаб, ки сад фитнаву шӯр.

Мо бори мурод кӯчаи дил бурдем,
Колои умеди худ ба манзил бурдем.
Бо санъати сабр ғӯра ҳалво кардем,
Аз шохи дарахти шукр ҳосил бурдем.

То зарраи ҳусни ин нигорон боқист,
Меҳри дили мову дӯстдорон боқист.
Эй дил, ту зи сардии хазонрез матарс,
Уммед ба гармии баҳорон боқист.

Эй модари ҷон, маро ту зодӣ ба ҷаҳон,
Пистони муҳаббатам ниҳодӣ ба даҳон.
Сад бор бимираму намирад ҳаргиз
Дар олами ман меҳри ту чун Хизр, бидон.

Бегонасифат зи базми ёрон гузарӣ,
Бе меҳр зи кӯи дӯстдорон гузарӣ.
Ойӣ ба самои зиндагонӣ чун абр,
Афсӯс, вале бенаму борон гузарӣ.

Хоки ману ту агарчи барбод равад,
Ёди ману ту агарчи аз ёд равад.
Як лаҳзаи васл агар насиби ману туст,
Ҷон аз тани мову ту яқин шод равад.

Эй гарди надомат, ту гарон аз кӯҳӣ,
Эй ранҷи маломат, ту сақар бар рӯҳӣ.
Ман пеши маломату надомат гирям,
Донам, ки ҳаёт, оқибат андӯҳӣ.

Бар тири фалак нишона ин синаи мост,
Захме, ки зи ӯст, дарди деринаи мост.
Навгонӣ аз ин замона ҳарчи бирасад,
Такрори гузашта, умри поринаи мост.

Рӯзе ба ҳавас озими бозор шудам,
Шоҳид ба ҳазор макру озор шудам.
Бозор агар ҳамину озор чунин,
Аз қимати худ ҳазор безор шудам.

Хуршед ба дашти осмон аст ғариб,
Мавҷуди замин назди замон аст ғариб.
Мо ғарра шудему умри дурӯза гузашт,
Ғофил, ки ба мулки ҷисм ҷон аст ғариб.

Дар зиндагӣ ҳар кӣ ғами мурдан нахӯрад,
Ғам аз дами талхи ҷон супурдан нахӯрад,
Дар синаи ӯ ба ҷои дил пораи санг,
Дар ҳар ду ҷаҳон ҳисоб одам нахӯрад.

Дунё ба мисолу матали бозор аст,
Колову матои ӯ ҳама озор аст.
Аз хуни чакидаи дили ғамзадагон
Саҳро ҳама пурлолаву чун гулзор аст.

Афтода миёни хуну хокӣ, тоҷик,
Дар мотами худ ту синачокӣ, тоҷик.
Бар саҳнаи рӯзгори мозӣ нигарам,
Як умр ба дасти худ ҳалокӣ, тоҷик.

Эй тоҷики ман, паҳну парешонӣ бас,
Чин аз ғами нокомӣ ба пешонӣ бас.
Умре нафаси кашидаат афсӯс аст,
Худ кардаву аз карда пушаймонӣ бас.

Ба мо як умр беиқболӣ омад,
Ба дунё ғуссаву бадҳолӣ омад.
Задам фоле, ки рӯзе мерасад бахт,
Зи ҳар фоле фақат бадҳолӣ омад.

Дамида субҳи наврӯзӣ ба гардун,
Фурӯғи нури гардун шуд дигаргун.
Ба дилҷӯии ёрон азм бояд,
Намонад то касе танҳову маҳзун.

Баҳор омад, ба ёре дил набандӣ,
Ба шавқи хандаҳои мо нахандӣ.
Бирав, ту дар мазори мурдаҳо бош,
Ба дӯши зиндаҳо бори дучандӣ.

Биё, хуш омадӣ, Наврӯз, Наврӯз,
Қабои сабзи нав бар мулки ман дӯз.
Ба барқе аз дили он абри баҳман
Шарори тозае дар олам афрӯз.

Аё Наврӯзи гулрезу гуҳарбез,
Ба тармими ҷаҳони тоза бархез!
Дарахтон хушк гашта дар зимистон,
Ба ҳар як шох барги тоза овез.

Як сабзаи хоки ту, ватан, зард шавад,
Гармӣ ба диёри шавқи ман сард шавад.
Як зарраи хоки ту чу бар бод равад,
Ин пайкару ҷони ман пур аз дард шавад.

Муштоқи туам, мушти фироқам задааст,
Сад чӯбу асои иштиёқам задааст.
Сарчашмаи лутфи ту ба сӯям хушк аст,
Бин, оташи ғам ба ҳалқи қоқам задааст.

Ман масти туам, бигӯ, ки ту масти кӣ?
Ман ҳасти туам, бигӯ, ки ту ҳасти кӣ?
Ман масти туву ҳасти туву бастаи ту,
Дар дасти туам, бигӯ ту дар дасти кӣ?

Аз ишқ ғаме надорӣ, ғам ғам набувад,
Аз ишқ даме надорӣ, дам дам набувад.
Одам – гили хом, аз оташи ишқ пазад,
Дар ишқ касе насӯхт, одам набувад.

Хоҳам, ки чу абр дар баҳорон хезам,
Борон шаваму ба боғи ҷонон резам.
Ҳар қатраи ман расад сари сабзаи ишқ,
Бар манзараи ишқ ҷило ангезам.

Ошӯби ҷаҳон чу абри сарсар хезад,
Сад дарду бало чу абру борон резад.
Не нек шиносаду на бад дар раҳи худ,
Хоки ҳамаро ба элаки худ безад.

Дар қаъри вуҷуд оташи афрӯхтаем,
З-ин оташи шавқи номаҳал сӯхтаем.
Дар синаи мо дигар маҷӯед шарар,
Хокистари сарди хеш андӯхтаем.

Аз чашми ҳақиру зору нолон тарсед,
Аз оташи оҳи синабирён тарсед.
Хорӣ надиҳед бандаи зори Худо,
Наздики Худост зору урён, тарсед.

Як шуълае аз ёди ту дар дил буду мурд,
Ёди дигаре омаду он ёди ту бурд.
Дар олами ёди ман ту фарёд макун,
Фарёди баланд омаду фарёди ту бурд.

Ҳар ноз, ки ёри нозукэъҷоз кунад,
Бар хонаи шавқи мо даре боз кунад.
Мо қимати нозу ноздорон донем,
Кӣ ноз кунад, дилбари танноз кунад.

Бар ҳотаи сабзи падарам менигарам,
Кай сер шавад аз он ду чашмони тарам,
Бигзашта тамоми умру ман бехабарам,
Ку ҳотаи сабзи ман барои писарам.

Боми ту дигар, ба боми мо кори ту чӣ?
Номи ту дигар, ба номи мо кори ту чӣ?
Ту аз майи васл нӯшиву мо зи фироқ,
Ҷоми ту дигар, ба ҷоми мо кори ту чӣ?

Марде ба ҷаҳон даст биафшонду гузашт,
Фарди дигаре ду чашм пӯшонду гузашт.
Як боғи пур аз накҳати ишқ аст дилам,
Монанди баҳор бӯй афшонду гузашт.

Ин муштасипори падарӣ дар дастам,
Бинӣ, сари огарди замин биншастам.
Ғӯтида ба зону дар миёни шудгор,
Аз нашъаи деҳқонии худ сармастам.

Ҳар ишқ, ки бе розу ниёзе гузарад,
Чун умри фасоди бенамозе гузарад.
Ишқе, ки асар надорад аз сӯзу гудоз,
Чун фитнаи феъли фитнабозе гузарад.

Мо ҳокими мулки хушумедон ҳастем,
Аз нашъаи хуш ҳамеша хандон ҳастем.
Маъюснажод сӯи мо роҳ нагир,
Бегона зи қавми ноумедон ҳастем.

Эй бод, чаро бӯи дурӯғ овардӣ,
Эй сар, ту хаёли бефурӯғ овардӣ?!
Эй қисмати ман, ба косаи бахту умед
Шире наю гӯ, чаро ту дӯғ овардӣ?

Зан дар дили шомгоҳи қисмат нур аст,
Ӯ нусхае аз ҳусну ҷамоли ҳур аст.
Ҳар мард надид лутфи нозуки варо,
Аз завқи асил дур ё ки кӯр аст.

Танҳо будаму, дареғ, танҳо мирам,
Дар олами танҳоии шабҳо мирам.
Аз синаи пурғамам касе огаҳ нест,
Чун оҳи ғаме миёни лабҳо мирам.

Аз моли ҷаҳон фақат қалам мехоҳам,
Бинвиштани байти пуралам мехоҳам.
Шодии ҷаҳон, ки оқибат ғамбор аст,
Аз рӯзи азал кулфату ғам мехоҳам.

Шуд панҷаи ишқи ту гиребонгирам,
Ҷуз васли ту нест, ҷони ман, тадбирам.
Не тоби висол монда, не тоқати ҳаҷр,
Дар сарҳади васлу ҳаҷри ту мемирам.

Аз нӯши ҷаҳон ба мо фақат неш расид,
Аз маснади ӯ мансаби дарвеш расид.
Ҷон дар сари мӯ зи як бало бигзаштем,
Сад дарду балои дигар аз пеш расид.

Эй одамакон, ба умри худ як дамакон,
Бо як дамаке ҳамқадами сад ғамакон.
Дилбастаи бисёри ҷаҳонед, аҷаб,
Не бешу на кам баред аз ин фитнамакон.

Эй бод, ту бӯи ёри ман овардӣ,
Бӯи гули интизори ман овардӣ.
Ҳарчанд ки дар фасли хазонрезонам,
Ин бӯи хуш аз баҳори ман овардӣ.

Санг овару ҷумла устухонам бишикан,
Бому дару марзу бӯстонам бишикан.
Эй дӯст, ҳама садқаи як зарбаи ту,
Аммо дили пур зи ормонам машикан.

Эй пои умеди мо, нишастӣ дар гил,
Савдои висоли мо шикастӣ дар дил.
Буд ваъдаи аҳди ту саросар ботил,
Ду дидаи меҳри мо бубастӣ бо нил.

Гӯянд маро зи ишқ девона шавӣ,
Бемаснаду беманзилу бехона шавӣ.
Девонаву бехона шавам, боке не,
Тарсам ман аз он, ки ёр, бо мо нашавӣ.

# МУНДАРИҶА

Шеърҳо ........................................................................ 5
Ғазалҳо ........................................................................ 14
Рубои ва дубайтиҳо ............................................................ 118

**НУРИДДИНИ САДРИДДИН**

# НАКҲАТИ ЁД
*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 15.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 22.07.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 8. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ “Нашри Мубориз” чоп шудааст.
ш. Душанбе, кучаи Маяковский 24/24